Ҷаҳонишавӣ Тараққиёт Бонкдорӣ

№3 (102)

ИЮЛ-СЕНТЯБР

2023

Мусоҳиба бо раиси Бонки миллии Тоҷикистон
Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло

"ГУЗАРИШ БА ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ КАФИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ"



Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ)



上海合作组织
Шанхайская Организация Сотрудничества

ДАР ИН ШУМОРА

3 | **ПРЕЗИДЕНТ**

ПАЁМИ ШОДБОШИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ 32-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ



38 |

ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

8 | **МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ**

МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ БА КОРМАНДОНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

11 | **ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ**

ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 ВА ВАЗИФАҲОИ НАВБАТӢ БАРОИ НИМСОЛАИ ДУЮМ



26 | **МУСОҲИБАИ МУҲИМ**

“ГУЗАРИШ БА ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ КАФИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ”



32 | **СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ**

ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ – КАФИЛИ ПЕШРАФТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШВАР

ДАРИНШУМОРА

23 | **НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР**

“ФОРУМИ ГЛОБАЛИИ СИЁСАТ”



48 | **БОНКДОРИИ БОНУВОНИ ҶАҲОН**

ИШТИРОКИ БОНУВОНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРНОМАИ “БОНКДОРИИ БОНУВОНИ ҶАҲОН, ПЕШБУРД ВА ГУНОГУНӢ БАРОИ ТАНЗИМГАРОН - 2023”

62 | **БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ**

ФЕСТИВАЛИ “САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ” ДАР ШАҲРИ ХОРУҒ





44 | **БОЗОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОС**

БОЗОМӮЗӢ ВА ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ ТАХАССУСИЯТИ КОРМАНДОН - МЕҲВАРИ СИЁСАТИ КАДРИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



58 | **ИНТЕРНЕТ, ИМКОНИЯТ, ХАВФҲО**

НИГАРОНӢ АЗ АМАЛҲОИ ҚАЛЛОБӢ ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Ҷаҳонишавӣ Тараққиёт Бонкдорӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
3 (102) ИЮЛ-СЕНТЯБР, 2023

тел: +992 (44) 600- 31- 24
факс: +992 (44) 600- 32- 49

НИШОНИИ МАҶАЛЛА:
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj

РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҳ. Холиқзода
Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
А. Миралиев, Т. Ҳақназаров,
М. Ҳасанова

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Мутахассиси пешбар: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи II: М. Умадуллоева
Ороишгар: Ҳ. Муҷебуллоев

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 608 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ “Мега-принт”
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 36.



Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 32-солагии истиқлоли давлатӣ

08.09.2023, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шумо ва ҳамдиёрони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – сиюдусолагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Ин рӯйдоди бузург дар таърихи беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик ва сарнавишти мардуми мо гардиши куллӣ ба вуҷуд оварда ва ба шарофати он мо соҳиби давлати соҳибихтиёр гардидем.

Истиқлолу озодӣ барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозиву давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад.

Имрӯз аз таърихи пурифтихори давлати соҳибистиқлоламон дар зарфи сию ду соли сипаришуда хуб мушоҳида мегардад, ки ин марҳала дар муқоиса бо таърихи бостонии халқамон муҳлати чандон тӯлонӣ нест, вале бо миқёси корҳои дар ин муддат амалигардида камназир ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистони азизи мо баъди эълони истиқлолият роҳи бунёди давлатдории навини миллиро пеш гирифт ва дар шароити бисёр ҳассосу фоҷиабор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ соҳиби рамзҳои давлатӣ гардид, ки муаррифгари давлати тозаистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ ва боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, мо бо мақсади арҷгузорӣ ба ҳофизаи таърихӣ ва гузаштаи пурифтихори халқамон арзишҳои давлатдорӣ ва суннатҳои тамаддунсозии ниёгони худ, аз ҷумла давлатдории Сомониёнро эҳё намудем.

Хотирнишон месозам, ки роҳи дар муддати беш аз се даҳсола тайкардаи мо пур аз шебу фарозҳо буда, мардуми шарифи Тоҷикистон тавонистанд истиқлоли давлатии худро аз фитнаву дасисаи бадхоҳони дохиливу хориҷии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон содиқона ҳифз намоянд, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар кишвар барқарор созанд.

Яъне тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд тавонистанд, ки монеаву мушкилоти эҷодкардаи душманони худро бо азми қавӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ бартараф карда, дар рӯзҳои хеле душвору сарнавиштсоз зери парчами истиқлолу озодӣ муттаҳид гардида, давлати хешро ба рӯзҳои осудаву обод расонанд.

Дар раванди аз хатари нестшавӣ раҳоӣ бахшидани давлати тоҷикон ва аз парокандагӣ наҷот додани миллати тоҷик соли 1993 яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ – Артиши миллӣ таъсис дода шуд, ки имрӯз сисолагии ин санаи таърихиро таҷлил менамоем.

Ҳамчунин, дар як муддати кӯтоҳ бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявии он рӯзҳо фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барқарор карда шуд.

Қобили зикри хос аст, ки тайи даврони соҳибистиқлолӣ кишвари мо бо талошу заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи мардуми сарбаланди Тоҷикистон ба дастовардҳои бесобиқа ноил гардид.

Бо такя ба анъанаҳои ғановатманди халқамон ва бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани аввалин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон аз ҷумлаи нахустин дастовардҳое буд, ки мардуми мо ҳанӯз дар айёми бисёр ҳассосу вазнини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба он муваффақ гардиданд.

Ҳукумати мамлакат дар асоси ин санади тақдирсоз ба пешбурди сиёсати иҷтимоӣ оғоз намуд.

Имрӯз самараҳои воқеии ин сиёсат дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва даҳҳо самти дигар ва муҳимтар аз ҳама, дар сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат ба таври возеҳ мушоҳида мегарданд.

Ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ рушди маориф, илм ва фарҳанг дар сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон самти афзалиятнок эълон гардид.

Дар зарфи беш аз се даҳсола мардуми мо тавонистанд, ки беҳтарин арзишҳои миллии худро зинда созанд, худшиносиву худогоҳии миллиро ба пояи баланд бардошта, на танҳо фарҳанги беназири худро эҳё намоянд, балки онро ба талаботи давлатдории навини худ ва ба воқеияти ҷаҳони муосир мутобиқ сохта, дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Тоҷикон на танҳо миллати таърихан шаҳрсозу шаҳрнишин мебошанд, балки ҳамчун пешқадамони тамаддуни заминдорӣ ва кишоварзӣ эътироф шудаанд.

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар кишвари мо ислоҳоти куллии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ислоҳоти замин амалӣ гардида, фаъолияти соҳа ба шароити даврони муосир мутобиқ гардонида шуд.

Имрӯз боғу киштзорҳои сарсабзе, ки бо заҳмати кишоварзон ва соҳибкорони ватанӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ бунёду обод шудаанд, на танҳо барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – ҳифзи амнияти озуқаворӣ саҳми бузург мегузоранд, балки ба сарзамини биҳиштосои мо ҳусни тоза мебахшанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди саноат ва гузаштан аз модели аграриву саноатӣ ба саноативу аграрӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар низ ҳадафи дигари стратегии миллӣ эълон гардид.

Бо мақсади амалӣ намудани ин ҳадаф дар мамлакат то имрӯз садҳо корхонаи хурду бузурги саноатӣ бунёд шудаанд ва сохтмони боз садҳо иншооти истеҳсолӣ идома дорад.

Ин раванд, илова бар ин ки саноатикунонии босуръати кишварро таъмин менамояд, боиси ташкили даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ мегардад, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ саҳми бузург

ба ҳисоб меравад.

Мо барои таъмин намудани рушди давлати соҳибистиқлоли худ даҳҳо иншооти нави энергетикӣ, аз ҷумла ду неругоҳи азим бунёд карда, ҳазорҳо мегаватт иқтидорҳои иловагиро ба кор андохтем, илова ба иншооти бузурги аср – неругоҳи барқи обии «Роғун» неругоҳҳои барқи обии амалкунандаро таҷдиду азнавсозӣ карда истодаем ва тасмим дорем, ки дар оянда наздик боз як ҳадафи стратегии миллӣ – истиқлоли энергетикии кишварамонро таъмин намоем.

Дар ин росто, мо ҳазорҳо километр роҳу шоҳроҳ ва пулҳоро тибқи меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид ва кишвари транзитӣ табдил додем, яъне онро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшида, ҳадафи стратегии дар ин самт эълонкардаамонро ичро намудем.

Пешбурди сиёсати «дарҳои кушода» дар замони соҳибистиқлолӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монем.

Имрӯз Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати давлати ташаббускору пешсаф дар ҳалли мушкилоти глобалии вобаста ба обу иқлим эътироф гардидааст.

Боиси ифтихори мардуми шарифи тоҷик аст, ки то ба ҳол панҷ ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне Созмони Милали Муттаҳид дастгириву ҷонибдорӣ ёфта, дар миқёси сайёра амалӣ гардида истодааст.

Ҳамватанони азизи мо аз вазъи ҷаҳони муосир, аз ҷумла яроқнокшавии бошитоб, торафт вусъат гирифтани «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз қабили терроризму ифротгароӣ, радикализми динӣ, истеҳсолу қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ хуб огоҳ доранд.

Дар чунин шароит, моро зарур аст, ки барои ҳифзи амнияти миллӣ, ки шарти муҳимтарини устуворӣ давлат ва зиндагии осудаи мардум мебошад, беш аз ҳар вақти дигар саъю талош намоем.

Яъне мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак ва дар роҳи ҳифзи амнияти давлат ва дастовардҳои замони истиқлол – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ омода бошем.

Мо бояд доим сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем ва ҳамаи кӯшишу имкониятҳои худро ба хотири рушди давлатамон ва ободии сарзамини аҷдодиамон равона созем.

Муҳимтарин нишонаи ватандӯстии ҳар як фард ифтихор аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва талош ба хотири таҳкими минбаъдаи онҳо мебошад.

Ҳар шахсе, ки худро соҳибватан медонад ва мафҳумҳои истиқлолу озодиро муқаддас мешуморад, бояд ҳамаи андешаву амали худро ба он равона созад, ки омодагӣ ба ҳар як ҷашни истиқлол, бахусус, 35-солагии ин рӯйдоди сарнавиштсоз ба марҳалаи нави болоравии эҳсоси худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва вусъати созандагиву ободкорӣ мубаддал гардад.

Ман ба нангу номуси миллӣ, азму иродаи қавӣ ва кӯшишу талошҳои ватандӯстонаи мардуми шарафманди Тоҷикистон ва махсусан, ҷавонони ватандӯсту ғаюри он эътимоди комил дорам ва дилпурона изҳор медорам, ки мо ҳама якҷо, бо иттиҳоду сарҷамъии хурду бузурги мамлакат ва бо заҳмати созанда кишвари азизамонро дар ояндаи наздик аз имрӯза дида ободу зебо ва давлати соҳибистиқлоламонро неруманду пешрафта мегардонем, нуфузу обрӯйи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Бори дигар 32-солагии ҷашни муқаддасу бузурги истиқлоли давлатиро ба мардуми сарбаланди Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар фараҳу шодмонӣ, рӯзгори осуда ва иқболи нек орзу менамоям.

Ҷашни истиқлолу озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

www.prezident.tj










1991
2023
ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
1991
32
2023
STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN



















Мукофотҳои давлатӣ ба кормандони Бонки миллии Тоҷикистон


Дар пешорӯи ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 августи 2023 дар Қасри миллат аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба таҷлили 32-юмин солгарди ба даст овардани мустақилияти кишвари азизамон, кормандони касбу кори гуногун бо мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

Дар қатори намояндагони касбу кори гуногун, чанде аз кормандони Бонки миллии Тоҷикистон низ бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Салимзода Алиҷон Абдуҷалол бо медали Хизмати шоиста, директори департаменти технологияҳои иттилоотӣ Ғаниев Дилшодбек бо медали Хизмати шоиста, директори департаменти назорати бонкӣ Абдуллоев Зафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин сардори идораи корҳо Пиров Абубакр бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Саркори давлат зимни тақдими мукофотҳои давлатӣ ҳозиринро ба муносибати ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатӣ табрик намуда, иброз доштанд, ки дар арафаи ҷашни солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонидани намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла аҳли зиё, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар соҳаҳо нишонаи қадршиносии Ҳукумат дар бунёд ва эъмори давлатдории миллии мо мебошад.

Дар умум, барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, рушди илму фарҳанг ва дигар бахшҳои иқтисоди миллии





мамлакат бештар аз 200 нафар олимону омӯзгорон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат ва хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуданд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаи илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон” ва бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги мамлакат, ҳифзи саломатии аҳолӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва дастовардҳои баланди истеҳсолӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ 1 нафар бо унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, 1 нафар бо унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, 2 нафар бо унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, 1 нафар бо унвони фахрии Ҳофизи халқии Тоҷикистон, 1 нафар бо унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, 19 нафар бо унвони фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, 20 нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, 2 нафар бо орденҳои Спитамен дараҷаҳои I ва II, 7 нафар бо ордени Шараф дараҷаи II, 25 нафар бо медали Ҷасорат, 105 нафар бо медали Хизмати шоиста, 7 нафар бо медали Шафқат ва 11 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Ҳамчунин тибқи қарори комиссияи дарёфти Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, 12 нафар барандагони Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2023 гардиданд.

Дар анҷоми маросими мукофотсупорӣ изҳори итминон шуд, ки фарзандони содиқи Ватан минбаъд низ имконияту қобилияти зеҳнӣ, донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро барои боз ҳам ободу пешрафта гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони мамлакат равона месозанд.

"БТҶ"

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



АХБОРИ БОНКӢ

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ва вазифаҳои навбатӣ барои нимсолаи дуюм

11 июли соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 баргузор гардид. Ҷаласаи ҷамъбастӣ таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва ҳузури ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирӯз Шарифзода ва Алиҷон Салимзода доир шуда, дар он роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияҳои бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ва Бюроҳои таърихи қарзӣ ширкат доштанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ҷаласаи ҷамъбастиро ҳусни оғоз бахшида, аз ҷумла гуфт:

“Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар нимсолаи якуми соли 2023 мутобиқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифаҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” бармеоянд, инчунин дар ҳамоҳангӣ бо Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат роҳандозӣ намуд.

Сарфи назар аз таҳаввулот дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллӣ, корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани

таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ таъмин карда шуд.

Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии (ММД) кишвар дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба 54,2 млрд. сомонӣ расида, рушди воқеии он ба 8,3 фоиз баробар гардид.

ММД ба сари аҳолӣ бошад, аз 912,0 доллари ИМА (10,5 ҳазор сомонӣ) то ба 1 165,0 доллари ИМА (12,2 ҳазор сомонӣ) ё 28,0 фоиз зиёд гардид, ки аз як ҷиҳат ба афзоишёбии нишондиҳандаи мазкур устуворшавии пули миллӣ нисбати доллари ИМА мусоидат намуд.

Сатҳи таваррум дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 2,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,0 фоиз ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 2,9 фоиз ба амал омад. Ҳамзамон, арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар давраи баррасишаванда 0,4 фоиз раванди коҳишёбӣ дошт.

Таваррумии солона дар моҳи июни соли ҷорӣ (12 моҳи охир) ба 2,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 5,9 банди фоизӣ кам мебошад.

Сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул (монетизатсия), яъне ҳиссаи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба санаи 30 июни соли ҷорӣ 29,8 фоизро ташкил намуд.

Бо мақсади таъмини талаботи иқтисодиёт бо пули нақд дар шаш моҳи соли 2023 ба муомилот 1,2 млрд. сомонӣ бароварда шуда, 4,0 млрд. сомонӣ пули нақд аз муомилот гирифта шуд ***(аз ҷумла 773,0 млн. сомонӣ ё 19,4 фоиз пулҳои коғазии фарсуда).***


Дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ ҷиҳати идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 50 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 3,7 млрд. сомонӣ баргузор карда шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми он 10,7 фоиз зиёд мебошад. Дар баробари ин, аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 735,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Меъёри бозтамвил, ки фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти дар сатҳи поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ таҷдиди назар карда шуда, то ба 10,0 фоизи солона паст карда шуд.

Ҷиҳати татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини устувории низом Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо

НИЗОМИ БОНКӢ

Воҳидҳои сохтории ТҚМ, адад





дигар ниҳодҳои дахлдори кишвар тамоми чораҳои заруриро андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар идома медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини муътадилии вазъи бозори дохилии асъор сиёсати қурбиро дар реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва афзун намудани ҳаҷми захираҳои байналмилалӣ амалӣ карда истодааст. Дар моҳҳои январ-июни соли 2023 қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ 7,0 фоиз баланд мебошад, ***(дар ҳамин давраи соли 2022 ин нишондиҳанда 6,6 фоиз паст гардида буд).***

Қурби расмии миёнадавраи доллари ИМА нисбати сомонӣ дар ин давра ба 10,7 сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 9,0 фоиз паст мебошад.

(Дар ин давра қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нисбати долари ИМА тағйир ёфтанд. Аз ҷумла, қурби тангаи Қазоқистон 1,8 фоиз устувор гашта, қурбҳои рубли Федератсияи Россия 23,7 фоиз, лираи Туркия 38,1 фоиз, рубли Беларус 10,8 фоиз, юани Чин 5,1 фоиз, суми Ӯзбекистон 2,3 фоиз ва соми Қирғизистон 1,8 фоиз коҳиш ёфтаанд).

Бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаҳои асосии ташкилотҳои қарзӣ ин миёнаравии молиявӣ ба ҳисоб рафта, он тариқи ҷалби бештари пасандозҳо амалӣ карда мешавад. Ба санаи 30 июни соли 2023 бақияи пасандозҳо 17,0 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба андозаи 5,5 млрд. сомонӣ ё 47,8 фоиз зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур аз барқароршавии эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ фоизи миёнавазни пасандозҳои муҳлатнок бо пули миллӣ 12,7 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 3,7 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ҳамин давраи соли гузашта бо пули миллӣ 0,9 банди фоизӣ афзуда, бо асъори хориҷӣ бошад, 0,1 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Ба санаи 30 июни соли 2023 дар таркиби бақияи пасандозҳо ҳиссаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба 55,0 фоиз (ё 9,3 млрд. сомонӣ) ва шахсони ҳуқуқӣ ба 45,0 фоиз (ё 7,7 млрд. сомонӣ) баробар шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 9,3 млрд. сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта, 2,7 млрд. сомонӣ ё 42,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ба ҳолати 30 июни соли 2023 бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба 16,2 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 31,0 фоиз ё 3,8 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо дар нимсолаи якуми

соли 2023 бо асъори хориҷӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,3 банди фоизӣ ***(аз 11,9 фоиз то 12,2 фоиз)*** афзуда, бо пули миллӣ бошад, 0,7 банди фоизӣ ***(аз 23,8 фоиз то 23,1 фоиз)*** коҳиш ёфтааст.

Бақияи қарзҳои ғайрифаъол ба санаи ҳисоботӣ маблағи 1,8 млрд. сомониро ташкил дода, вазни қиёсии он дар сандуқи қарзӣ ба 11,4 фоиз баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 банди фоизӣ кам мебошад.

Натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ бо фоида ба маблағи 747,0 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардид.

Аз ҷониби низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ба маблағи 492,0 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ андоз пардохт карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 58,0 фоиз зиёд мебошад.

Даромаднокии дороиҳои низоми бонкӣ дар ин давра 4,5 фоиз ва даромаднокии сармояи он бошад, 21,3 фоизро ташкил намуд.


Бо мақсади дар амал татбиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии ваколатдор тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Дар натиҷа, аз 30 августи соли 2021 то 30 июни соли 2023 ҳаҷми умумии маблағҳои қонунигардонидашуда 4,3 млрд. сомониро ташкил дод. Аз ҷумла 1,0 млрд. сомонӣ ба сифати пасандозҳои муҳлатнок, 1,6 млрд. сомонӣ ба сифати сармоягузорӣ ва 1,7 млрд. сомонӣ аз мубодилаи асъори хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи ташкилотҳои қарзии ваколатдор авф карда шудаанд.


Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди низоми пардохтӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва фискалӣ чиҳати гузаронидани пардохтҳои саривақтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои бехатар

САНДУҚИ ҚАРЗӢ

Қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт, млрд. сомонӣ



Қарзҳо аз рӯи минтақаҳо (млн. сомонӣ)





тарро таъмин намуда истодааст.

Дар доираи гузаронидани ислоҳотҳои пайваста аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтӣ як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ фаъолияти низоми пардохтии нави "ВАТАН" ба роҳ монда шуд, ки ба шахсони воқеӣ имконияти интиқоли маблағҳоро бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар дохили ҷумҳурӣ фароҳам меоварад.

Инчунин, барои тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ дар дохили кишвар модули QR-рамзи ягона татбиқ шуда истодааст, ки ба мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро тариқи дилхоҳ ҳамёни электронӣ имконият медиҳад. Бояд қайд намуд, ки аллакай ҳазорҳо амалиётҳои пардохтӣ тавассути модули номбурда бо муваффақият гузаронида шуда, ҳамроҳшавии ташкилотҳои қарзӣ ба низоми мазкур идома дорад.

Тибқи маълумоти оморӣ ба санаи 30 июни соли ҷорӣ миқдори кортҳои пардохтии бонкӣ 5,9 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 42,0 фоиз зиёд шудаанд. Инчунин теъдоди ҳамёнҳои электронӣ ба 7,5 млн. адад расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 53 фоиз афзоиш ёфт.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 17,0 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,0 банди фоизӣ зиёд гардидааст".

Дар қисмати дуюми ҷаласа роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла директори департаменти назорати бонкӣ Зафар Абдуллоев, директори департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор Зиёратшо Бояков, директори департаменти мониторинги молиявӣ Ҳалим Мирзоалиев, директори департаменти технологияҳои иттилоотӣ Дилшодбек Ғаниев, сардори идораи низоми пардохт Шуҳрат Салоҳиддинов ва сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ Далер Муродалиев оид ба нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ бо рӯнамои муфассал баромад намуданд.

Дар ҷамъбасти мавзуъҳо ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода ба сухан баромада, бо такя ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар ва маҷлиси ҷамъбастии Ҳукумати кишвар дар соли 2022 ба Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати устувор нигоҳ доштани вазъи иқтисодию молиявии кишвар ва саҳми низоми бонкӣ дар он вазифаҳои мушаххас дода шуд, бори дигар таваҷҷуҳи ҳозиринро ба иҷрои саривақтии вазифаҳои дар пешгузошташуда мавриди даъват қарор дод.

"Ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, ҷорӣ

кардани хизматрасониҳои нави муосир, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳаҷми қарздиҳиро ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва аҳолӣ зиёд намуда, дар сиёсати қарздиҳии худ барои бо маблағҳои қарзӣ таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус соҳибкории хурду миёна, истеҳсолкунандагони ватанӣ, ки заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошанд, аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд", изҳор намуд Н.Ҳикматуллозода.

Ҳамзамон, тақвияти корҳо дар самти ҷалби бештари сармоя ба низоми бонкӣ, паст кардани фоизи қарзҳо, таъсиси ташкилотҳои қарзии нав, аз ҷумла зиёд кардани шумораи бонкҳо, васеъ намудани хизматрасониҳои электронӣ зарур мебошад.

Фаъолияти низоми бонкиро дар нимсолаи якуми соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон натиҷагирӣ намуда, барои нимсолаи дуюм дар назди ташкилотҳои қарзии молиявӣ як қатор вазифаҳои нав пеш гузошта шуд. Махсус баҳри таъмини фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ, ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ", ки барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ, коҳиш додани амалиётҳои нақдӣ ва кам намудани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мусоид мегузорад, дар нимсолаи дуюми соли 2023 як қатор тадбирҳоро роҳандозӣ кардан лозим аст. Аз ҷумла, таъмини инфрасохтори зарурӣ ва ҳамгироии он бо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ барои ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои муздноки давлатӣ, тақвият додани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, васеъ намудани шабакаи POS-терминалҳо ва QR-рамзҳо, зиёд намудани теъдоди истифодабарандагони замимабарномаҳои мобилӣ, ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ аз зумраи чорабиниҳои зарурӣ мебошанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби низоми бонкӣ идома додани иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида мешавад: таъмини иҷрои саривақтии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, иҷрои саривақтии стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2022-2026, бартараф намудани камбудиҳои зимни санҷиш ошкоршуда, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, пурзур намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, андешидани чорабиниҳои зарурӣ ҷиҳати фурӯши гаравҳо, мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо ба низом, баланд бардоштани тахассусияти кормандон, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, таъмини амнияти иттилоотӣ ва шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, таъмини танзими бозори асъори хориҷӣ, тақвият бахшидани фаъолият дар баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ, иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Дар анҷоми суханронии худ, Ҳоким Холиқзода минатдории хеш ва ҳамаи кормандони низоми бонкии мамлакатро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгириҳои пайвастаи низоми бонкӣ ҷиҳати рушди бемайлони иқтисодиёти миллӣ изҳор намуд. "Ҳамаи моро мебояд, ки соли 2023-ро бо дастовардҳои арзанда ҷамъбаст намуда, дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллиамон саҳми босазо гузорем", - ҷамъбаст намуд ӯ.

Ҳасанова М.Э.

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



Машварати ниҳодҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар Бонки миллӣ

23 августи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон вохӯрӣ ва мулоқоти роҳбарони вазорату кумитаҳои калидии кишвар ва Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Ҷумҳурии Қазоқистон таҳти сарварии Вазири рушди рақамӣ, инноватсия ва саноати аэрокайҳонӣ Мусин Багдат Батирбекович баргузор гардид.

Дар ҷараёни нишасти мазкур ҷонибҳо масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Зимни ифтитоҳи мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ташрифи ҳайати Ҷумҳурии Қазоқистонро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, изҳори умедворӣ намуд, ки сафари кории ҳайати номбурда барои дар амал ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ заминаи мусоид фароҳам хоҳад гузошт.

Таъкид карда шуд, ки ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон имрӯз қариб дар ҳамаи самтҳо муносибатҳои хуби кориро ба роҳ мондаанд, ки он барои боз



НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



ҳам тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳо дар бахши рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Сипас, Вазири рушди рақамӣ, инноватсия ва саноати аэрокайҳонии Ҷумҳурии Қазоқистон Мусин Багдат Батирбекович аз ҷониби худ барои ташкили чунин як вохӯрии ҷолиб миннатдорӣ баён намуда, изҳор дошт, ки ҷамъомади имрӯза барои боз ҳам тақвият бахшидани татбиқи ҳукумати электронӣ кумаки амалӣ мерасонад.

Қайд гардид, ки Ҷумҳурии Қазоқистон имрӯз дар миқёси ҷаҳон аз ҷиҳати хизматрасониҳое, ки тариқи онлайн анҷом дода мешаванд, ҷои ҳаштум, аз рӯйи татбиқи ҳукумати электронӣ мавқеи даҳум ва аз лиҳози амнияти иттилоотӣ ҷойи сиюмро ишғол менамояд, ки ин аз сатҳи баланди тараққиёти технологияи рақамии ин кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Маҳз ба туфайли дар амал татбиқ гардидани ҳукумати электронӣ давоми чанд сол аст, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон хизматрасониҳо аз қабили ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми харидорӣ ва азнавбарасмиятдарории моликият, аз ҷумла амалӣ намудани харидуфурӯши моликияти манқул, воситаҳои нақлиёт, низоми маориф ва тандурустӣ, гирифтани иҷозатномаҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пардохтҳои андоз, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, гирифтани ипотека ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба таври рақамӣ ба расмият дароварда мешаванд.

Ҷонибҳо ҳамчунин, масъалаҳои амнияти пойгоҳи маълумотҳо, коркарди онҳо ва дастарасӣ ба онҳоро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар идомаи вохӯрӣ ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон қайд намуд, ки омодааст таҷрибаи ғании худро дар ин самт ба мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Аз ҷумла, омодааст, семинарҳо ва курсҳои омӯзиширо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҷиҳати омӯзонидани мутахассисони соҳаи ҳукумати электронӣ роҳандозӣ намояд.

Дар анҷоми мулоқот намояндагони Тоҷикистон - вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён, вазири саноат ва рушди технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Кабир, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода, директори Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар робита ба рушди рақамикунонӣ ва ба таври электронӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳо ибрози андеша намуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои мукаммал гирифтанд.

Дар фароварди вохӯрӣ намояндагони ҳарду ҷониб дар гурӯҳҳои ихтисосӣ марбут ба бахшҳои мухталифи иқтисоди кишвар шомил шуда, кори худро идома доданд.

НАВИД • РЎЙДОД • АХБОР

ТАШРИФИ ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ БАЙНИДАВЛАТӢ АНДРЕЙ ЛИПИН БА БОНКИ МИЛЛӢ

18 августи соли 2023 мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо президенти Бонки байнидавлатӣ Липин Андрей Станиславович баргузор гардид.

Дар оғози мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ҷаноби Андрей Липинро ба муносибати ба вазифаи масъулиятнок – президенти Бонки байнидавлатӣ таъйин шуданаш самимона табрик карда, барояш комёбиҳо таманно намуд. Қайд карда шуд, ки Бонки байнидавлатӣ фаъолияти худро ҷиҳати мусоидат ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ташкил намудани муносибатҳои молиявию бонкӣ миёни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) идома дода истодааст.

Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо паҳлӯҳои муҳимми тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои гуногуни низоми бонкӣ, тавсеаи муносибатҳои муросилотӣ бо роҳи васеъ намудани амалиёт ва пардохтҳо бо асъорҳои миллӣ, дарёфти масирҳои нави ҳамкорӣ бо Бонки байнидавлатӣ ва табодули таҷриба дар бахшҳои сиёсати иқтисодӣ, ислоҳоти фазои сармоягузорӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор доданд.



Ҳамзамон Ҳоким Холиқзода ва Андрей Липин ба масъалаҳои зерини ҳамкорӣ, аз қабили тавсеа бахшидани маблағгузории савдо, ҳисоббаробаркуниҳои тарафайн бо асъорҳои миллӣ, анҷом додани амалиётҳои Своп ва васеъ намудани шабакаи суратҳисобҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Мавриди ба зикр аст, ки Бонки байнидавлатӣ бо мақсади мусоидат ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ташкил намудани муносибатҳои молиявию бонкии бисёрҷониба миёни давлатҳои аъзои ИДМ санаи 22 январи соли 1993 аз ҷониби сарони ҳукуматҳо ва бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои ИДМ таъсис дода шуда, фаъолияти худро ҳамчун ташкилоти ҳисоббаробаркунӣ ва қарзию молиявии байналмилалӣ ба роҳ мондааст.





Натиҷаи фаъолияти низоми бонкӣ бо фоида ҷамъбаст гардид

11 августи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ доир ба ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2023 баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои муҳимми соҳаи бонкдорӣ аз қабили рушди низоми бонкӣ, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, муътадилии сатҳи таваррум ва устувории қурби пули миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Нишасти матбуотӣ мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011, таҳти № АП – 1729 ва Нақшаи ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо таҳти роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, ҳузури муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирӯз Шарифзода ва Гулбаҳор Назирӣ, роҳбарони сохторҳои калидии бонк доир гардид. Дар нишасти матбуотӣ беш аз 30 намоянда аз расонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ ширкат доштанд.

Оид ба ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 дар назди воситаҳои ахбори омма муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода суханронӣ намуда, изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро барои татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ равона намуда, барои таъмини муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ ва устувории қурби пули миллӣ, нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт тадобири муҳиммеро роҳандозӣ намуд.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суханронӣ оид ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва вазъи низоми бонкии мамлакат, аз ҷумла дороиҳо ва уҳдадориҳо, қарзҳои ба иқтисодиёт пешниҳодшуда ва ҷалби пасандоз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ маълумот дод. Аз ҷумла зикр гардид, ки дар нимсолаи якуми соли равон сатҳи таваррум 2,3 фоизро ташкил намуд, ки дар қиёс бо нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 1,8 банди фоизӣ камтар аст. Ин сатҳи муътадили таваррум дар натиҷаи талошҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба даст омадааст.

Дар нишасти матбуотӣ зикр шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ босуръат афзудааст. Дар паи талошҳо ва тадбирҳои андешидашуда, ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба 17 фоиз расида, он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 банди фоизӣ афзудааст.

Бино ба иттилоъи дар нишасти матбуотӣ эъломшуда, маблағгузории қарзӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ афзоиши босуръат касб кардааст.

қарзии молиявӣ мусбат арзёбӣ гардида, он дар интиҳои моҳи июни соли 2023 бо фоида ба маблағи 747,4 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардидааст. Аз ҷумла, даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ 4,5 фоиз ва даромаднокии сармояи онҳо 21,3 фоизро ташкил намудааст.

ба низоми бонкӣ, сатҳи таваррум, меъёри захираҳои байналмилалӣ, раванди татбиқи бонкдории исломӣ ва амсоли ин таваҷҷуҳ намуда, ба суолҳои худ посухҳои мушаххас дарёфт карданд.

Дар анҷоми нишасти матбуотӣ муовини якуми раиси Бонки миллӣ ба намояндагони





Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор дошт, ҳаҷми қарзҳои додашуда дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 9,3 млрд. сомонӣ баробар шуда, дар қиёс бо ҳамин давраи соли пешин 2,7 млрд. сомонӣ ё 42,1 фоиз зиёд шудааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои

Дар қисмати савол ҷавобҳо намояндагони воситаҳои ахбори омма бештар ба масъалаҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, меъёри бозтамвил, фаъолияти низомҳои пардохтии хориҷӣ дар кишвар, саҳми низоми бонкӣ дар саноатикунонии мамлакат, сармоягузорӣ

воситаҳои ахбори омма барои ҳамкории судманд ва ҳусни таваҷҷуҳ ба масоили низоми бонкӣ изҳори миннатдорӣ намуд. Зикр карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар оянда низ барои татбиқи самараноки сиёсати пулӣ, пурзӯр намудани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ, таъмини шаффофият дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, тақвияти идоракунии корпоративӣ ва ба ин васила нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ фаъолият хоҳад кард.

"БТҶ"

НАВИД • РЎЙДОД • АХБОР

МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛӢ БО САФИРИ ИМА МАНУЭЛ МИКАЛЛЕР

Дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Мануэл Микаллер, ки 21 июли соли 2023 баргузор гардид, густариши муносибатҳои гуногунҷанба ва кумаки техникӣ мавриди муҳокимаи ҷонибҳо қарор гирифт.

Дар оғози мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар доираи амалӣ намудани лоиҳаҳои Ҳукумати ИМА дар самти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус низоми бонкии мамлакат арзи сипос намуд.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Мануэл Микаллер ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода барои пазироии самимӣ изҳори сипос намуда, қайд кард, ки зарурати тавсеа бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба фаро расидааст ва кушишҳои муштараки мо натиҷаҳои хуб ба бор оварда, дар ниҳояти кор онҳо барои рушди низоми бонкӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.



Ҷаноби Мануэл Микаллер қайд кард, ки тайи солҳои охир нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ рушди назаррас дошта, муътадилии сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ нигоҳ дошта шудааст.

Инчунин, ҳангоми вохӯриҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони хурду миёна, хусусан бо бонувони соҳибкор маълум гардид, ки дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ, гирифтани қарзҳо ҷиҳати рушди фаъолияташон дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷониби худ, иброз дошт ӯ дар идомаи суҳбат, мо барои муҳокимаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои минбаъда дар самти масъалаҳои мавриди назари тарафҳо омода ҳастем. Дар маҷмӯъ, вохӯриҳои мо муҳим ва саривақтӣ мебошанд, зеро дар асоси онҳо, тасмим гирифтаем, ки ҳамкориҳои дуҷонибаро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон идома диҳем.



НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР

Дар зимн Ҳоким Холиқзода таъкид кард, ки бо мусоидати Сафорати ИМА дар давоми чанд соли охир Бонки миллии Тоҷикистон бо Корпуси волонтёрон оид ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ ҳамкорӣ намуд, ки дар натиҷа дар ин давра ду марҳилаи барномаи кумаки техникӣ аз рӯи лоиҳаи “Баланд бардоштани тамомияти молиявӣ ва таҳкими суботи молиявӣ ва дастрасӣ дар Тоҷикистон” дар амал татбиқ карда шуд. Дар рафти татбиқи онҳо масъалаҳои таҳкими суботи молиявӣ, васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, ҷорӣ намудани муқаррароти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва арзёбии сифати аудити дохилӣ ҳалли худро ёфта, бо иштироки кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат зиёда аз 20 чорабинии таълимӣ гузаронида шуд.

Дар ҷараёни мулоқот изҳор гардид, ки айни замон, кор дар самти татбиқи марҳилаи сеюми кумаки техникӣ, ки ба беҳтар кардани мониторинг, таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ равона шудааст, идома дорад, ки ба арзёбӣ ва андешидани чораҳои мушаххас оид ба коҳиш додани хавфҳо дар низоми молиявӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо Департаменти хазинадории ИМА ҳамкории зич дорад. Барои мисол, тасдиқи кумаки техникии Департаменти хазинадории ИМА дар соли 2021 барои рушди бахши суғурта тариқи гузаронидани таҳлили бозори суғуртаи кишвар, таҳкими назорат аз болои ташкилотҳои суғурта, омода намудани ҳисобот барои низоми суғурта ва баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, намунаи хуби ҳамкориҳои судманди тарафҳо ба шумор меравад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода изҳори умед намуд, ки ҳамкорӣ бо Сафорати ИМА дар самтҳои барои Бонки миллии Тоҷикистон муҳим ва зарур, аз қабили ҷалби кумаки техникӣ ва машваратӣ ҷиҳати нигоҳ доштани субот дар бахши пулию қарзӣ ва молиявӣ, беҳтар кардани заминаи сиёсати макропруденсиалӣ ва арзёбии хавфҳои низом, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ, амнияти иттилоотӣ, мубориза бо таҳдидҳои киберӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва таҳкими назорати фаъолияти низоми пардохт, дар амал татбиқ намудани бандҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ идома меёбад.

Ҳамчунин, Бонки миллии Тоҷикистон ба роҳандозӣ ва рушди муносибатҳои байнибонкӣ бо бонкҳои ИМА таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Таъкид гардид, ки бинобар сабаби баргузор гардидани машваратҳои дуҷониба дар тирамоҳи соли ҷорӣ, Сафорати ИМА ҷиҳати ба рӯзномаи ҷаласаи машваратии мазкур ворид намудани масъалаи рушди муносибатҳои муросилотӣ байни низомҳои бонкии ИМА ва Тоҷикистон мусоидат намуд.

Дар интиҳои мулоқот ҷонибҳо омодагии худро барои ҳамкории судманду муколамаи ошкоро изҳор доштанд.



“ФОРУМИ ГЛОБАЛИИ СИЁСАТ”

12-15 сентябри соли 2023 дар шаҳри Манилаи Филиппин “Форуми глобалии сиёсат” баргузор гардид. Дар доираи ҳамкориҳо ва тибқи даъватномаи Алянс барои фарогирии молиявӣ (АФМ) дар кори Форум ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми раис Толибзода Фирдавс Назримад иштирок намуд.

Форуми мазкур ҳамасола аз ҷониби АФМ ташкил карда шуда, дар доираи он ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ дар самти васеъкунии доираи ҳуқуқ ва имкониятҳои истеъмолкунандагон ва рафтор дар бозор, хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, ҷамъоварии маълумот дар бораи фарогирии молиявӣ,

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР

мутаносибии стандартҳои глобалӣ, омӯзиши тарафайни Стратегияи фарогирии молиявӣ, маблағгузории соҳибкории хурду миёна ва маблағгузории сабзи фарогир, Маҷлиси умумии солонаи АФМ, Ҷаласаи ташаббуси танзимии Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) ва маросими кушодашавӣ ва пӯшидашавии Форуми глобалии сиёсат баргузор мегарданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Алянс барои фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion – AFI) яке аз ташкилотҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дар соҳаи таҳия ва татбиқи сиёсати фарогирии молиявӣ буда, 86 мақомоти давлатии зиёда аз 80 кишвари дунё, аз ҷумла вазоратҳои молия, бонкҳои марказӣ ва мақомоти идоракунии соҳаи молия аъзои он мебошанд. Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2011 инҷониб узви Алянс барои фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion – AFI) буда, дар пешбурди сиёсати фарогирии молиявӣ аз имкониятҳои узвият дар ин ташкилоти мазкур самаранок истифода бурда истодааст.

Дар доираи Форум 12 сентябри соли ҷорӣ ҷаласаи 8-уми Маҷлиси умумии солонаи АФМ бо иштироки кишварҳои аъзо, вобаста ба тасдиқ намудани нақшаи стратегии АФМ (марҳилаи 4) барои солҳои 2024-2028, сохтор ва миқдори ҳаққи узвият барои солҳои 2024-2026, манифести Манила ва тағйирот ба Оинномаи АФМ доир гашт, ки дар он ҳайати БМТ бо роҳбарии муовини якуми раис Толибзода Ф.Н. иштирок намуд.

Ҳамзамон, дар ин рӯз бо иштироки намояндагони Арманистон, Муғулистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Ҷаласаи ташаббуси танзимии Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) дар мавзуи "Фарогирии хизматрасониҳои молиявӣ дар ECAPI дар солҳои 2023-2025 ва давраи минбаъда" баргузор гардид.

Намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои гуруҳҳои корӣ иштирок намуда, доир ба масъалаҳои марбут ба сиёсатҳои асосӣ ва ҳалли амалии доираи васеи мавзуъҳои фарогирии молиявӣ, таъмини ҳифзи иттилоот (data protection), татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди танзим ва назорат (regtech ва suptech), рушди инфрасохтори молиявии рақамӣ, қобилияти молиявӣ ва саломатии молиявӣ (financial health) бо мулоҳизаҳои андозагирӣ ва усулҳои ҳамгироии онҳо дар Стратегияҳои миллии фарогирии молиявӣ, андозагирии ҳисоботи фарогир оид ба маблағгузории сабз, чаҳорчӯбаи нишондиҳандаҳои саводнокии рақамии молиявӣ, маблағгузории фарогирии гендерӣ муҳокимаронӣ намуданд.

Инчунин, дар гурӯҳҳои корӣ таҷрибаи аъзо дар самти пешбурди назорати молиявӣ ва татбиқи стандартҳои нави байналмилалӣ, роҳҳои инноватсионии ҳамгироии ҷавонон ба фарогирии молиявӣ, нишондиҳандаҳои мақсаднок, муҳиммияти рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, маблағгузории соҳибкории хурду миёна, ҷамъоварии маълумот ва заминаи ҳуқуқӣ дар ин самт ва ноил шудан ба ҳадафҳои асосӣ ва тавсеаи маблағгузории сабзи фарогир мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

14 сентябри соли ҷорӣ оғози "Форуми глобалии сиёсат" бо иштироки директори иҷроияи АФМ ҷаноби Алфред Ханниг, раиси Бонки марказии Филиппин Эли М. Ремолона, раиси Бонки захиравии Фиҷи ва раиси Раёсати АФМ Арифф Али баргузор гардид, ки дар он роҳбарият ва кормандони БМТ иштирок намуданд.

Дар чорабинии мазкур дастовардҳои АФМ вобаста ба фарогирии молиявӣ ва таҷрибаи Филиппин дар самти рушди самтҳои хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, ба даст овардани муваффақият дар татбиқи уҳдадориҳо тибқи Эъломияи Мая рӯнамо гардид.

Ҷамъбасти Форуми глобалии сиёсат 15 сентябри соли равон баргузор гардид, ки дар рафти он кишварҳои фаъол сазовори ҷоизаҳо гаштанд.

Бинобар ин, ба роҳбари ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон, ки яке аз узви фаъоли АФМ дар самти рушди хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла рушди хизматрасониҳои молиявӣ барои занон ва ҷавонон ба шумор меравад, ҷоизаи "Сафир оид ба маблағгузории фарогирии гендерӣ" супорида шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар таърихи ҳамкории Тоҷикистон бо АФМ Форуми глобалии сиёсат бо сухани хотимавии роҳбари ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон пӯшида эълон гардид.

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



Қобили қайд аст, ки дар ҳошияи Форуми болозикр ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини якуми раис дар якчанд вохӯриҳои дуҷониба ширкат варзид:

Аз ҷумла, Фирдавс Толибзода бо муовини раиси Бонки марказии Филиппин Бернадетте Ромуло-Пуйат вохӯрӣ анҷом дод.

Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои тақвият бахшидани ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла роҳандозии муносибатҳои муросилотӣ ва ҷалби кумаки техникию машваратӣ барои рушди самтҳои муҳимми фаъолияти низоми бонкии ду кишварро баррасӣ намуданд.

Илова бар ин, мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо Мей Абулнага – муовини якум, масъули идораи техникии раиси Бонки марказии Миср баргузор гардида, дар он масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва фарогирии молиявӣ муҳокима гардиданд.

Дар доираи баргузории Форуми зикргардида вохӯрии роҳбари ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо Венди Телеки, роҳбари Котиботи Ташаббуси молиявии занони соҳибкор (Women Entrepreneurs Finance Initiative – We-Fi) дар Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ баргузор гардид, ки дар рафти он масъалаи ҷорӣ намудани Тартиби маблағгузории занони соҳибкор (Women Entrepreneurs Finance Code – WeFinanceCode) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Венди Телеки вобаста ба ҳадафҳо ва имкониятҳо дар доираи Тартиби зикргардида, шарикони татбиқи Тартиб ва ғайра маълумот пешниҳод намуда, оид ба занони соҳибкори муваффақи кишвар ҷиҳати татбиқи ҳуҷҷати мазкур маълумот дархост намуд.

15 сентябри соли 2023 бо мақсади табодули таҷриба дар самти фарогирии молиявӣ, омӯхтани таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар таҳия ва татбиқи Стратегияҳои миллии фарогирии молиявӣ, дастрасӣ ба маблағгузории сабз вохӯрии Фирдавс Толибзода бо директори иҷроияи АФМ ҷаноби Алфред Ханниг баргузор гардид.

Ҷаноби Алфред Ханниг барои ҳамкории пурсамар ва иштироки фаъолонаи кишвар дар фаъолияти АФМ изҳори миннатдорӣ намуда, вобаста ба нақши муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фарогирии молиявӣ андешаҳояшро баён намуд.

Мавсуф иброз дошт, ки моҳи апрели соли 2017 ду ҷаласаи гурӯҳҳои кории АФМ бо дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе гузаронида шуданд ва дар кори онҳо зиёда аз 80 нафар аз 57 кишвари аъзои АФМ ширкат варзиданд.

Дар робита ба ин, директори иҷроияи АФМ хоҳиш ва омодагии худро ҷиҳати баргузор намудани чорабиниҳои минбаъдаи АФМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуд.

www.nbt.tj



“Гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ кафили рушди иқтисоди миллӣ”

Мусоҳиба бо Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло

22 июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" таҳти рақами 586 қабул гардид, ки тибқи он аз 1 августи соли ҷорӣ тамоми хизматрасониҳои муздноки давлатӣ, аз қабили андоз, боҷҳои давлатӣ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ ва ғайра тариқи ғайринақдӣ роҳандозӣ мешавад. Аҳаммияти гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар чист ва он ба иқтисодиёти кишвар чӣ манфиат меоварад?

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта бозгӯи он аст, ки гузариш ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявӣ маҳсуб ёфта, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши бениҳоят муҳим дорад, ҳамчунин ба баланд бардоштани мавқеи кишвар дар раддабандиҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамояд.

Дар аксари давлатҳои тараққикарда ҳиссаи афзалиятноки пардохтҳо ҳангоми хариди молу хизматрасонӣ ба таври ғайринақдӣ анҷом дода мешавад. Ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо дар муомилоти пулӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпойиро дар назди банкоматҳо ё хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз байн мебарад ва бевосита боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагии аҳолӣ мегардад.

Нақши низоми бонкии кишварро дар татбиқи муқаррароти Фармони мазкур ҷиҳати гузариш ба низоми пардохти ғайринақдӣ чӣ гуна арзёбӣ менамоед?

Қобили зикр аст, ки нақши низоми бонкӣ дар татбиқи талаботи Фармон ниҳоят муҳим мебошад. Зеро тамоми инфрасохтори пардохтие, ки барои ташкили низоми қабули пардохтҳои давлатӣ зарур мебошад, маҳз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин карда мешавад.

Имрӯзҳо ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси технологияҳои муосири пардохтӣ хизматрасонии фосилавии бонкии замонавиро ҷорӣ карда, барои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилӣ (ҳамёнҳои электронӣ), интернет-банкинг ва дигар воситаҳои пардохтиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар самти иҷрои Фармон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ барои таъмини имконияти қабули пардохтҳои давлатӣ дар нуқтаҳои қабули пардохтҳои давлатӣ POS-терминал ва QR-рамз насб намуда истодаанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба санаи 31 августи соли 2023 шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ зиёда аз 6,2 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 38 фоиз зиёд шудааст. Инчунин, теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ 7,2 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 млн. адад (32,5 фоиз) афзудааст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба санаи 31 августи соли 2023 шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ зиёда аз 6,2 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 38 фоиз зиёд шудааст. Инчунин, теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ 7,2 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 млн. адад (32,5 фоиз) афзудааст.

Дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 82 фоиз ба 18 фоизро ташкил дода, ҳиссаи маблағи амалиётҳои ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 7 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Тибқи банди 2-и Фармони мазкур Бонки миллии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва қарзии молиявии ҷумҳурӣ бояд инфрасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳамгироии инфрасохтори қабули пардохтҳо муҳайё карда, бо мақсади ҳавасмандгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шароити мусоид фароҳам оваранд. Дар ин самт аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон чӣ тадбирҳо андешида шуд?

Бо мақсади таъмини инфрасохтори пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ навъҳои гуногуни хизматрасонии пардохтиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ (ҳамёнҳои электронӣ) пешниҳод намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки тавассути низомҳо ва инфрасохтори пардохтӣ маблағи пардохтҳои давлатиро ба таври ғайринақдӣ қабул намоянд. Инчунин, дар сомонаҳои расмии як қатор вазорату идораҳои давлатӣ хизматрасонии интернет-эквайринг, яъне имконияти пардохти хизматрасониҳои давлатӣ барои муштариён фароҳам оварда шудааст.

Тибқи маълумоти аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастрасшуда, ба интиҳои моҳи августи соли ҷорӣ маблағи беш аз 700 навъи хизматрасонии муздноки давлатӣ тавассути зиёда аз 3 000 POS-терминал ва 971 QR-рамз, ки дар филиал ва марказҳои

хизматрасонии бонкӣ, инчунин вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатӣ насб карда шудаанд, ба таври ғайринақдӣ қабул карда мешавад. Инчунин, тавассути ҳамгироии низоми қабули пардохтҳои КВД БА ҶТ "Амонатбонк" бо низомҳои қабули пардохтҳои дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пардохти маблағи зиёда аз 250 навъи хизматрасонии давлатӣ тариқи замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ имконпазир мебошад.

Дар маҷмуъ, зиёда аз 20 намуди замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои қабули пардохтҳои хизматрасонии давлатӣ мавриди истифода қарор доранд. Аксари ин замимабарномаҳо барои пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ, обу корез, партовҳои маишӣ, гармидиҳӣ ва хизматрасонии дигари коммуналӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ имкон медиҳад.

Барои гузариши самаранок ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ чӣ тадбирҳоро амалӣ кардан зарур аст ва то имрӯз аз ҷониби низоми бонкӣ барои ҳавасманд гардонидани шаҳрвандон чӣ гуна чораҳо андешида шудааст?

Барои ба таври самаранок гузаштан ба низоми ғайринақдӣ ҳамкории пайвастаи низоми бонкӣ, вазорату идораҳои давлатӣ ва шарикони рушд ба мақсад мувофиқ мебошад. Бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ дорои тамоми инфрасохтори техникию барномавии пардохтӣ буда, барои гузаштан ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ омода мебошанд. Яке аз мушкилиҳои имрӯза дар ин самт мавҷуд набудани низоми баҳисобгирии пардохтҳои давлатӣ (низоми биллингӣ) дар тарафи мақомоти давлатӣ мебошад. Вобаста ба ин, ҷиҳати гузариши пурра ба низоми ғайринақдӣ масъалаи ташкил намудани низомҳои биллингии мақомоти давлатӣ ва созмон додани Портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба ҳамгироии низомҳои иттилоотии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ бо инфрасохтори пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ имкон медиҳад, дар ҳалли мушкилоти мақомоти давлатӣ ҳангоми гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Имрӯзҳо теъдоди зиёди шаҳрвандон дорандагони кортҳои пардохтӣ ва истифодабарандагони замимабарномаҳои махсуси бонкӣ мебошанд. Вобаста ба масъалаи ҳавасманд гардонидани аҳолӣ ҷиҳати бештар анҷом додани амалиётҳои ғайринақдӣ аз ҷониби низоми бонкӣ барномаҳои ҳавасмандгардонӣ, аз қабили кэшбэк, аксияҳои бурднок, ройгон пешниҳод кардани корти пардохтии бонкӣ ва пешниҳоди қарзи овердрафти бемузд ташкил шуда истодаанд.

Ба андешаи Шумо маърифати молиявии аҳолӣ то кӯҷо барои истифода ва гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ пеш рафтааст?

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавассути шабакаҳои телевизион ва радио, инчунин шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, телеграмм, инстаграм ва ғ.) оид ба афзалиятҳои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳиву таблиғотӣ анҷом дода мешаванд.

Илова ба ин, як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ гурӯҳҳои махсуси сайёр ташкил карда, дар назди нуқтаҳои қабули маблағи хизматрасонии давлатии вазорату идораҳо, муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ, дар бозорҳо ва дигар ҷойҳои сераҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Ин иқдом имкон медиҳад, ки шаҳрвандон зуд соҳиби корти пардохтӣ ё ҳамёни электронӣ шуда, оид ба қоидаҳои истифодаи корт аз мутахассисон маълумот гиранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чораҳои аз

ҷониби низоми бонкӣ амалишуда сатҳи саводнокӣ ва малакаи шаҳрвандонро ҷиҳати истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ торафт афзун намуда истодаанд.

Оё барои амалӣ намудани пардохти ғайринақдии тамоми хизматрасониҳои давлатӣ як бонки муайян муаззаф гардидааст, ё ин ки дар роҳандозӣ шудани ин иқдом тамоми низоми бонкӣ ҷалб шудааст?

Тибқи талаботи банди 2 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” дар баробари вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин Бонки миллии Тоҷикистон ва тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадор гардидаанд, ки инфрасохтори заруриро барои қабули пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ таъмин намоянд. Аз ин рӯ, барои қабули ғайринақдии пардохтҳои ҳатмии давлатӣ тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ инфрасохтори заруриро муҳайё намудаанд ва шаҳрвандон метавонанд бемамониат дар тамоми минтақаҳо аз он истифода намоянд.

Оё шаҳрвандон метавонанд берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи хизматрасонии давлатиро пардохт намоянд?

Айни замон, бо мақсади тавсеаи инфрасохтори пардохтии кишвар, тавассути ҳамгироии низоми қабули пардохтҳои КВД БА ҶТ “Амонатбонк” пардохти маблағи зиёда аз 250 навъи хизматрасонии давлатӣ тариқи замимабарномаҳои мобилӣ

ИНФРАСОХТОРИ НИЗОМИ ПАРДОХТ ДАР ДАВОМИ МОҲҲОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ 2023



ШУМОРАИ КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ

5,9 млн. адад

41,6% афзоиш нисбат ба соли 2022



АФЗОИШИ ШУМОРАИ ҲАМЁНҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Ҳамагӣ **7,5** млн. адад

2,6 млн. адад **(52,6%)** афзоиш нисбат ба соли 2022



АФЗОИШИ АМАЛИЁТИ ПАРДОХТИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Ҳамагӣ **7,5** млн. амалиёт

Маблағ **832,6** млн. сомонӣ

15,3% ва **17,6%** афзоиш нисбат ба соли 2022

(ҳамёнҳои электронӣ)-и 19 ташкилоти қарзии молиявӣ имконпазир мебошад. Шаҳрвандон метавонанд бо истифода аз замимабарномаи мобилии дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ новобаста ба макони ҷойгиршавӣ, аз ҷумла берун аз ҷумҳурӣ пардохти хизматрасониҳои давлатиро ба таври ғайринақдӣ дар реҷаи вақти воқеӣ анҷом диҳанд.

Шаҳрвандони хориҷие, ки ҳуқуқи будубошро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, метавонанд тавассути суратҳисоби бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ё замимабарномаҳои мобилии дилхоҳ ташкилоти қарзии ватанӣ пардохти хизматрасонии давлатиро анҷом диҳанд.


Соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки бо суратҳисобу интернет кам сарукор мегиранд, чӣ тавр метавонанд ин пардохтҳоро бе мушкилӣ ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд?

Айни замон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади таъмин намудани имконияти аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ, дар нуқтаҳои қабули пардохтҳои давлатӣ POS-терминал ва QR-рамз насб намуда истодаанд. Инчунин, пардохти хизматрасонии давлатӣ тариқи интернет - эквайринг ва замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ роҳандозӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки хизматрасониҳои фосилавии бонкие, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод карда мешаванд, бо кушодани суратҳисоби бонкӣ (ба истиснои ҳамёнҳои электронии мушаххаснашу-

НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ ПАРДОХТӢ

Рушди инфрасохтори пардохтӣ дар манотиқи кишвар дар нимсолаи 1-уми соли 2023



даи шахсони воқеӣ) ва тавассути интернет фаъолият менамоянд. Вобаста ба ин, ба соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ зарур аст, ки дар дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ суратҳисоби бонкӣ кушода, пардохтҳои давлатиро бевосита дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ ё ба таври фосилавӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии иттиҳодиявӣ, интернет–банкинг ва замимабарномаҳои мобилӣ ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Баъд аз қабул шудани Фармони мазкур дар шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба QR-рамзи ягона маълумотҳои гуногун ба назар мерасад. Оид ба роҳандозӣ шудани QR-рамзи ягона ва таъсири он ба раванди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ маълумот медодед? Ҳангоми пардохти хизматрасониҳои музднoки давлатӣ имкон дорад, ки аз ин QR-рамз истифода кард?

Бо мақсади тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ дар асоси татбиқи технологияи муосири пардохтӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ, Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2023 истифодаи QR-рамзи ягонаро, ки мутобиқи стандарти байналмилалии EMV (Europay, Mastercard & Visa) таҳия шудааст, ҷорӣ намуд. Татбиқи QR-рамзи ягона имкон фароҳам овард, ки шаҳрвандон дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронии дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ тариқи QR–рамзи ягона пардохти молу хизматрасониро ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Айни замон 19 ташкилоти қарзии молиявӣ корҳои ҳамгироиро ба анҷом расонда, зиёда аз 9,7 ҳаз. адад QR-рамзи ягонаи шакли бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқашударо дар нуқтаи савдою хизматрасонӣ насб намудаанд. Аз ин шумора зиёда аз 900 адад QR-рамзи ягона барои қабули пардохтҳои давлатӣ дар мақомоти давлатӣ насб шудаанд, ки шаҳрвандон метавонанд бо истифода аз ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ пардохти хизматрасониҳои давлатиро анҷом диҳанд.

То кучо амнияти иттилоотии пардохтҳои ғайринақдии шаҳрвандон ҳифз карда мешавад? Амнияти онҳоро ягон чиз халалдор карда метавонад?

Ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили интернет-банкинг, бонкдории мобилӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба стандартҳои бехатарии татбиқшаванда ва таҷрибаи озмудашуда тавваҷҷуҳ намуда, аз технологияҳои иттилоотии муосир ва навовариҳои соҳаи амнияти иттилоотӣ истифода менамоянд. Аз ин лиҳоз, ҳамаи амалиётҳое, ки тариқи шабакаи терминалӣ ва барномаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ анҷом дода мешаванд, ҳифзшуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми пешниҳоди воситаҳои электронии пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ маводҳои зарариро оид ба тарзи истифодабарии чунин воситаҳо, хавфи амалҳои қаллобӣ ва чораҳои пешгирии онҳо ба муштариён манзур менамоянд.

Тибқи мушоҳидаҳо яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани ҳолатҳои қаллобӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ риоя накардани чораҳои бехатарӣ ва беаҳаммиятии шаҳрвандон мебошад. Вобаста ба ин, ба шаҳрвандон зарур аст, ки ҳангоми истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ чораҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои қаллобиро риоя намоянд. Хусусан мушаххасоти воситаи электронии пардохтии худ, масалан гузарвожа/рамз/рамзи яккарата, рақами корт ва рақами мушаххаскунандаи шахсӣ (ПИН-код)-ро ба шахсони бегона пешниҳод накунанд.

"БТҶ"



Назирӣ Гулбаҳор Назир,
муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисод

ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ – КАФИЛИ ПЕШРАФТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШВАР

Афзоиши дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати молиявӣ, ҳамчунин истифодаи пурсамари онҳо яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мебошад.

Гузашта аз ин, дар шароити имрӯзаи рушди босуръати технологияҳои инноватсионӣ, фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ маҳсуб ёфта, дар таъмини рушди устувори низоми молиявӣ, таҳкими бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар кишвар нақши муҳим мебозад.

Фарогирии молиявӣ кафили рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Стратегияи миллӣ амалӣ карда мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати мақоми татбиққунандаи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар самти васеъ намудани доираи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин саривақт, осону бемамониат ва босифат пешниҳод намудани онҳо корҳои муайянро анҷом дода истодааст.

Бо ин мақсад, раванди татбиқи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июли соли 2022 тасдиқ гардид, дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти назорати доимӣ қарор дошта, иҷрои он зина ба зина таъмин карда мешавад.

Аз ҷумла, барои ноил гаштан ба мақсадҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ сохтори идоракунии он таъсис дода шуд. Таъсиси сохтори идоракунӣ барои ҳамоҳангсозӣ ва дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои Стратегияи мазкур мусоидат менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки сохтори идоракунии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ аз Шурои ҳамоҳангсозӣ, Кумитаи иҷроия, гурӯҳҳои кории мавзуӣ аз рӯйи самтҳои асосӣ ва гурӯҳи кории махсус ҷиҳати васеъ намудани доираи ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занону ҷавонон, ки ба ҳайати онҳо намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд шомиланд, иборат мебошад.

Дар нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ бошад, 67 чорабинӣ пешбинӣ гардидааст, ки худи ҳамин аз доираи васеи масъалаҳоро фаро гирифтани Стратегияи мазкур шаҳодат медиҳад.

Бо мақсади таъмини иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ то нимсолаи якуми соли 2023 аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор корҳои муайян ба анҷом расонида шуданд.

Маълум аст, ки яке аз омилҳои асосии пешрафти кишварҳои тараққикарда роҳандозӣ намудани технологияҳои молиявию инноватсионӣ ва иттилоотиву коммуникатсионӣ ба ҳисоб рафта, рушди инфрасохтори зарурии иттилоотӣ, инчунин ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии электронӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳандозии технологияи молиявии рақамӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ бо ҷорӣ намудани имзои электронӣ ва ҳимояи гардиши маълумоти электронӣ чорабиниҳои заруриро ба роҳ мондааст.

Яке аз самтҳои муҳимми таъмини фарогирии молиявӣ саводнокии молиявии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он аҳолӣ дорои фаҳмишу дониши молиявӣ гардида, усулҳои истифодаи самараноки захираҳои молиявиро аз худ менамояд. Инчунин, ин иқдом дар навбати худ ба рушди соҳибкории хурду миёна, дастрасию истифодаи хизматрасониҳои баландсифати бонкӣ, зиёд гардидани миқдори суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути низомҳои пардохтии электронӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ, афзоиши пасандозҳои аҳолӣ ва гирифтани қарзҳо мусоидат менамояд.

Мувофиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо мақсади таҳкими иқтидори захираҳои инсонии ташкилотҳои молиявии ҳамаи сатҳи низоми бонкӣ, таҳия намудани Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ пешбинӣ карда шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои ИДМ собит менамояд, ки баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои муосири рақамӣ дар низоми бонкӣ, дар чанд марҳила тавассути қабул ва дар амал татбиқ намудани стратегия ё барномаҳои миёнамуҳлат (5-сола) амалӣ карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар чанд марҳила дар амал татбиқ намудани стратегия ё барномаи алоҳида ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ манфиатбахш буда, ба рушди низоми бонкӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ ва фарогирии молиявӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилоти байналмилалии “German Sparkassenstiftung Central Asia” таҳқиқоти «Арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро анҷом дод, ки дар рафти он 1500 нафар шаҳрвандони синни 18-сола ва болотар аз он дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳрҳо ва деҳот мавриди пурсиш қарор гирифтанд, ки аз онҳо 49,3 фоизро занҳо ва 50,7 фоизро мардҳо ташкил намуданд.

Дар натиҷаи таҳқиқот гурӯҳҳои осебпазир ва афзалиятнок муайян карда шуданд: а) кӯдакон ва мактаббачагон, б) донишҷӯён ва ҷавонон, в) занон аз оилаҳои муҳоҷирон, г) нафақагирон.

Ҳамчунин аз ҷониби Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) таҳқиқот оид ба таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ ва мафкуравӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа ду гурӯҳи осебпазир муайян карда шуданд: ҷавонон ва занон, ки барои онҳо барномаҳои саводнокии молиявӣ таҳия карда шуда, айни замон татбиқ шуда истодааст.

Санаи 13 майи соли ҷорӣ намояндаи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар "Форуми саводнокии молиявӣ" барои иштирокдорони форум натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро муаррифӣ намуд.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи талаботи байналмилалии "Стандартҳои паҳнсозии маълумоти оморӣ" ҳар сол тавассути низоми махсуси паҳнсозии маълумоти оморӣ (ICS) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба унвони Хазинаи байналмилалии асъор "Ҳисобот оид ба дастрасии молиявӣ (FAS)"- ирсол карда мешавад.

Мавриди қайд аст, ки ҷиҳати рафъи мушкилиҳо дар самти андозбандӣ ва татбиқ намудани чораҳои ҳавасмандгардонӣ барои соҳибкорони тариқи ғайринақдӣ фаъолияткунанда, Бонки миллии Тоҷикистон пайваста бо мақомоти дахлдори давлатӣ корбарӣ намуда истодааст.

Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини заминаи ҳуқуқӣ дар самти роҳандозии мушаххаскунии фосилавии муштарӣ, ҳамгироии низомҳои пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишвар тадбирҳо андешид, аз ҷумла, тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" аз 15.03. с. 2023, №1950 қабул гардида, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шуд (рӯзномаи "Ҷумҳурият" №60-61 (24672) аз 20.03.2023). Вобаста ба ин, барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои заруриро анҷом дода, ҷиҳати вусъат бахшидани корҳо дар ин самт бо шарикони рушд ҳамкориро идома дода истодааст.

Бо мақсади роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ барои васеъ намудани хизматрасонии бонкӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба "Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо" ҷиҳати ҷорӣ намудани талаботи QR-рамзи ягона бо стандарти байналмилалии EMV (Europay, Mastercard, Visa) таҳия ва тасдиқ гардид.

Бояд қайд намуд, ки як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ QR-рамз насб намудаанд. Вале бо сабаби мавҷуд набудани талаботи ягона ба шакли QR-рамз, ҳар як ташкилоти қарзии молиявӣ QR-рамзи худро таҳия намуда, танҳо ба муштариёни худ хизматрасонӣ намуда истодааст. Муштариёни дигар ташкилоти қарзии молиявӣ наметавонанд ба воситаи ҳамёнҳои электронии худ тариқи QR-рамзи дигар ташкилоти қарзии молиявӣ, ки дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудааст, пардохт намоянд. Татбиқи QR-рамзи ягона имкон медиҳад, ки муштариён дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронии дилхоҳ ташкилотҳои қарзии молиявӣ тариқи QR–рамзи ягона пардохти молу хизматрасониро ба таври ғайринақдӣ бемамониат анҷом диҳанд.

Айни замон, дар заминаи модули пардохтҳои босуръати Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон (НАБИМ), бо мақсади ҳамгироии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ корҳои техникию озмоишӣ бо 18 ташкилоти қарзии молиявӣ анҷом дода шуда, пардохтҳо бо истифода аз QR-рамзи ягона тавассути низоми мазкур гузашта истодаанд. Боқимонда ташкилотҳои қарзӣ низ дар раванди татбиқи лоиҳаи зикргардида қарор доранд.

Вобаста ба масъалаи таъсиси гурӯҳи корӣ бо ҷалби васеи тарафҳои манфиатдор барои муҳокима ва таҳияи як қатор чораҳои мачмуӣ оид ба ҳалли масъалаҳои инфрасохтори алоқа, аз ҷумла:

- таъмини шароити баробар барои ширкатҳои интернетӣ;

- ҳалли мушкилоти инҳисори давлатӣ бо мақсади кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани сифат;

- беҳтар кардани имкониятҳои техникии интернет-провайдерҳо, аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ситоди кории доимоамалкунанда иборат аз намояндагони Хадамоти алоқа, ширкатҳои алоқаи мобилӣ, интернет-провайдерҳо таъсис дода шуда, кор ва фаъолияти ҳаррӯзаи ситоди доимоамалкунанда дар самти насб ва роҳандозии истгоҳҳои базавии алоқаи мобилӣ, зери назорати ҷиддӣ ва қатъӣ қарор дорад.

Дар масъалаи татбиқи Стратегия аз ҷониби ВАО, ҳамчунин таҳияи барномаҳои омӯзишӣ барои мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ, бояд қайд кард, ки аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути шабакаҳои давлатии телевизион ва радио як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, "Телевизиони Тоҷикистон" моҳҳои сипаришудаи соли равон тариқи барномаҳои таҳлилии "Стандарт", "Агроиқтисод", "Иқтисод", "Татбиқ", "Кишоварз", "Тавсия", "Имтиёз", "Саноатикунонӣ - ҳадафи чорум" ва "Тоҷикистон дар рақамҳо" бо иштироки намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон мавзуи иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026"-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Ҳамзамон, тибқи супориши протоколии ҷаласаи XXI Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи паркҳои технологӣ" дар таҳрири нав бо дарназардошти таъсиси паркҳои технологияҳои иттилоотӣ (IT Parks), дар заминаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки фарогири механизми маблағгузории корҳо вобаста ба роҳандозӣ намудани инноватсия дар истеҳсолот мебошад, таҳия карда шуд. Дар доираи иҷрои қарорҳои Шуро, ҳамчунин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдои электронӣ" таҳия гардид, ки он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 декабри соли 2022 ба имзо расонида шуд.

Бояд қайд кард, ки айни замон яке аз талаботи асосии рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, ин таъмини дастрасии фосилавӣ ва осон кардани раванди мушаххаскунии муштарӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани механизми мушаххаскунии фосилавӣ ба шумор меравад. Набудани платформаҳои мувофиқ барои амалӣ намудани мушаххаскунии муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин равандро душвор месозад ва барои босамар анҷом додани расмиёти мушаххаскунии фосилавӣ монеа эҷод менамояд.

Аз ин лиҳоз, таъсиси Маркази ягонаи мушаххаскунӣ (SMART ID) дар назди Бонки миллии Тоҷикистон бо имконияти ба таври фосилавӣ ҷамъоварӣ намудани мушаххасоти биометрикӣ зарур мебошад.

Ба роҳ мондани фаъолияти Маркази ягонаи мушаххаскунӣ барои фарогирии молиявии аҳолии кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст мусоидат намуда, хароҷоти шахсони воқеиро ҳангоми дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ коҳиш медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар заминаи Маркази мазкур таъсиси низоми баҳисобгирии шумораи истифодабарандагони нодири маҳсулоти молиявӣ имконпазир мегардад. Истифодабарандагони нодири маҳсулоти молиявӣ аз рӯйи рамзи ягона (идентификатор) дар низоми иттилоотии Марказ сабт гардида, минбаъд бо истифода аз он имкон пайдо менамоянд аз хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки ба Марказ пайваст мебошанд, бархурдор гарданд.

Дар баробари ин, аз пойгоҳи иттилоотии Марказ маълумоти дахлдорро оид ба истифодабарандагони нодири маҳсулоти молиявӣ бо тақсимот аз рӯйи ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот ва ғайра дастрас кардан мумкин мешавад.

Дар маҷмуъ, созмон додани Маркази ягонаи мушаххаскунӣ (SMART ID) дар ҷумҳурӣ баҳри зиёд намудани муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат карда, дастрасии муштариёнро ба хизматрасониҳои молиявӣ осон мегардонад ва ба рушди босуръати хизматрасониҳои муосири молиявӣ таъсири мусбат мерасонад. Барои созмон додани чунин Марказ пеш аз ҳама зарур аст, ки

консепсия ва тарҳи он омода ва тасдиқ гардида, минбаъд барои татбиқи он сармоягузорӣ ҷалб карда шавад.

Бо мақсади ҷалби сармоягузорӣ барои амалӣ намудани лоиҳаи мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон бо якчанд ташкилоти молиявии байналмилалӣ гуфтушунидҳо баргузор намуд. Дар назар аст, ки то охири соли 2023 ҷиҳати таҳияи консепсияи идентификатори ягонаи бонкӣ ва муайян намудани тарҳи Маркази ягонаи мушаххаскунӣ (SMART ID) тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми Стратегияи фарогирии молиявӣ ин рақамикунонии ҳатмии ҳамаи пардохтҳо ва боҷҳои давлатӣ (G2P ва P2G) бо истифодаи низоми пардохтҳои босуръат (IFT) мебошад.

Ҷиҳати иҷрои масъалаи мазкур ва бо мақсади рушди минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон рақамикунонии ҳатмии ҳамаи пардохтҳо ва боҷҳои давлатӣ бо истифода аз низоми пардохти босуръат, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” таҳия гардид, ки он аз 22 июни соли 2023, таҳти №586 ба имзо расид.

Бояд қайд кард, ки дар доираи фармони мазкур пешбинӣ карда шудааст, ки аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷи давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилоти давлатӣ (минбаъд – хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шаванд.

Дар фармон таъкид шудааст, ки Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ инфрасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1 августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намоянд.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории соҳаи бонкии кишвар меъёрҳои ҳуқуқиро вобаста ба танзими муносибатҳои миёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ дарбар гирад ҳам, вале санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо ва нашр намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ бо дарназардошти хавфҳои мавҷуда ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавҷуд набуд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро таҳия намуд, ки онҳо бо қарори дахлдори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

Дастурамалҳои мазкур талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо ва нашр намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамоянд.

Аз ҷумла Дастурамали №241 “Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ” бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия карда шуда, талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд.

Дастурамали №242 “Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ” бошад, бо мақсади фароҳам овардани

шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва миёнаравии молиявӣ, инчунин таҳкими боварии истеъмолкунандагон ба фаъолияти низоми бонкӣ таҳия шуда, талаботи ҳадди ақалро барои нашри маълумот дар бораи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд

Бояд қайд кард, ки дастурамалҳои мазкур ба хавф асосёфта, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро ҳимоя менамоянд.

Таҳлили заминаи меъёриву ҳуқуқии бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мушовирони Бонки Ҷаҳонӣ гузаронида шудааст, нишон дод, ки дар қонунгузории амалкунанда ҳадафҳо ва самтҳои рушди соҳаи таъмини низоми боэътимоди назорат аз болои рафтори бозории ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инчунин чораҳое, ки барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ заруранд, аз ҷумла ба роҳ мондани назорати дахлдор дар ин самт ба таври зарурӣ инъикос наёфтаанд.

Аз ин рӯ, дар асоси тавсияҳои пешниҳоднамудаи мушовирони Бонки Ҷаҳонӣ ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои тараққиёфта, Бонки миллии Тоҷикистон механизми мазкурро бо роҳи таҳия ва қабул намудани як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷорӣ намуд.

Аз ҷумла, Тартиби гузаронидани санҷишҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (назорати фосилавӣ ва санҷиш дар ҷойҳо) бо мақсади муайян намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва хавфҳои поймолсозии ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон таҳия гардида, яке аз воситаҳое мебошад, ки тавассути он назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ анҷом дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки санади мазкур раванди санҷиши ҳолати мутобиқи қонунгузорӣ риоя ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявиро танзим намуда, низоми боэътимоди назорати фосилавӣ ва санҷиш дар ҷойҳоро аз болои рафтори бозор таъмин менамоянд.

Илова ба ин, бо мақсади васеъ намудани воситаҳои зарурии танзим ҷиҳати таъмини низоми боэътимоди назорат аз болои рафтори бозории ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ Роҳнамо оид ба ташкил ва гузарондани чорабиниҳои назоратии «Харидори махфӣ» дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия ва тасдиқ гардид.

Ҳуҷҷати мазкур барои истифодаи хизматӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ва раванди гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои онҳоро муқаррар менамояд.

Барои мунтазам баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар робита ба риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон назорат мебаранд, тренингҳои омӯзишӣ гузаронида мешаванд, аз ҷумла аз ҷониби коршиносони Бонки ҷаҳонӣ барои кормандони Бонки миллии Тоҷикистон тренинги омӯзишӣ дар мавзуи “Назорат дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ” гузаронида шуд.

Бо мақсади татбиқи босамари Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар самти беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар байни бахшҳои молиявӣ ва мақомоти давлатӣ, инчунин байни таҳвилгарони давлатӣ ва хусусии хизматрасониҳои саводнокии молиявӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам вохӯриҳо гузаронида мешаванд. Ҳамчунин, ҷиҳати гузарондани семинарҳо, машваратҳо, чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ, омода намудани видеонаворҳо ва иҷрои як қатор корҳое, ки барои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат менамояд, ба тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол карда шудааст. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ дар навбати худ ҳар семоҳа оид ба корҳои гузарондашуда дар самти татбиқи Стратегияи мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Дар маҷмуъ, татбиқи бомуваффақияти муқаррароти Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ аз ҷониби ҳамаи муассисаҳо ва вазорату идораҳои масъул кафили пешрафти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мешавад.



Таҷлили ҷашни Истиқлоли давлатӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон

7 сентябри соли 2023 дар доираи таҷлили 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид. Ҷаласаи мазкур таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва ҳузури муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода, Гулбаҳор Назирӣ, меҳмони ҷашн - раиси маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сиёсатшинос ва муҳаққиқ Абдуллоҳи Раҳнамо ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон доир гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо истифода аз фурсати муносиб аҳли нишастро бо ҷашни Истиқлоли давлатӣ самимона табрик гуфта, изҳор намуд, ки маҳз дар даврони Истиқлоли давлатӣ зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкони мусоид фароҳам омад, ки асосҳои қонунии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон пойдору устувор шуда, самтҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоии кишвар муайян гарданд. Муҳимтар аз ҳама, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат муяссар гардид, ки эҳсоси худшиносӣ ва ифтихори миллию ватандорӣ дар байни сокинони кишвар боло бурда шуда, Тоҷикистон тадриҷан ба давлати ягонаи ободу шукуфон табдил ёбад.

Ҳамин аст, ки Пешвои муаззами миллат Истиқлоли давлатии моро “муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдорию бақои давлат” арзёбӣ кардаанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода таъкид кард, ки ташаккули низоми бонкдории муосири Тоҷикистон низ маҳз бо шарофати Истиқлоли

давлатӣ муяссар гардид. Тавсияву ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат дар рушду таҳкими низоми бонкии мамлакат дар замони Истиқлол нақши калидӣ доранд ва дастовардҳои назаррас дар соҳаи бонкдорӣ ба ин тавсияву ҳидоятҳо бевосита алоқаманд мебошанд.

Зимни суханронӣ аз дастовардҳои истиқлолият, махсусан бо ташаббусу дастгирии Пешвои муаззами миллат дар роҳандозӣ намудани ислоҳоти пулӣ дар Тоҷикистон ду маротиба - солҳои 1995 ва 2000-ум, бо ифтихор таъкид шуд, ки Тоҷикистон соҳиби пули миллӣ –сомонӣ гашт.





Ба муомилот ворид шудани пули миллии сомонӣ на танҳо падидаи муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, балки оғози марҳилаи нав дар рушду нумуи иқтисодиёт ва дигаргуниҳои мусбати ҳаёти ҷомеаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ба марҳилаи рушд ворид шудани низоми бонкии мамлакат, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон ҳам асосан пас аз расидан ба Ваҳдати комили миллӣ ва таҳкими пояҳои он, ҳамчунин баъд аз бариши пули миллии сомонӣ, яъне аз соли 2000 шуруъ мешавад.

“Аз соли 2000 то ба имрӯз, яъне дар зарфи 23 сол, Бонки миллии Тоҷикистон ва умуман низоми бонкии ҷумҳурӣ тадриҷан ба низоми умумиҷаҳонии бонкӣ шомил гардид.

Бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ гузаштани низоми бонкии Тоҷикистон ҳамкории моро ба низоми бонкии ҷаҳонӣ боз ҳам устувор намуд. Ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” барои фаъолияти бонкдории исломӣ дар мамлакат роҳ кушод”, -иброз дошт Ҳоким Холиқзода.

Дар ҷаласа аз дастовардҳои низоми бонкии мамлакат дар даврони истиқлолият, аз ҷумла ҷорӣ шудани фаъ-

олияти босамари низоми электронии пардохт, фаъол шудани кортҳои пардохтии бонкӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди қонунгузории соҳаи бонкдорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷорӣ шудани усулҳои муосири бонкдорӣ, аз ҷумла интернет-банкинг ва мобайл-банкинг, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ташкили инфрасохтори муосири низоми пардохт махсусан таъкид шуд, ки ҳамаи ин ба пешрафти низоми бонкии мамлакат ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Дар идома, сардори шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи роҳбарияти бонк- забоншинос Ҳасани Султон, сиёсатшинос ва муҳаққиқ- раиси маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдуллоҳи Раҳнамо аз ташаккули пояҳои давлатдории миллӣ, зина ба зина пайрезӣ ва пойдор гардидани он, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсию иҷтимоии кишвар ва сарҷамъию ваҳдати мардум, ҳувияти миллӣ, эҳсоси худшиносӣ ва ифтихори ватандорӣ сухан карданд. Ҷаласаи идонаро барномаи Созмони ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон боз ҳам ҳусни тоза бахшид, ки аз тараннуми Истиқлолу ватандорӣ ва арҷ гузошtан ба арзишҳои миллӣ иборат буд.



Дар ҷамъбасти тантанаи ҷашнӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода аз саҳми назараси кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар баробари дигар кормандони низоми бонкии мамлакат бо меҳнати бунёдкорона, садоқатмандӣ



ва фарҳанги баланди худ дар таҳкими дастовардҳои Истиқлоли Тоҷикистон саҳм мегузоранд, бори дигар таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб кард. Натиҷаи чунин кушишҳо боис гардид, ки дар арафаи таҷлили 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 корманди Бонки миллии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои меҳнати садоқатмандона бо мукофотҳои давлатӣ сазовор дониста шуданд.

Дар доираи таҷлили



Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон низ тасмим гирифт, ки барои хизматҳои арзанда, дастовардҳои назаррас ва рушди низоми бонкӣ кормандони фаъоли Дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавиро бо нишони сарисинагии “Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон”, Ифтихорнома ва Сипосномаҳо қадрдонӣ намояд.

Аз ҷумла, бо фармони раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои саҳми арзанда ва фаъолияти назаррас ба муносибати 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс ва сардори Идораи суботи молиявӣ Қурбоналиева Нигина бо нишони сарисинагии “Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон” мукофотонида шуданд.

Дар баробари ин, ғолибони мусобиқаи футболи хурд байни дастаҳои сохторҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо ҷом ва мукофотҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Дар фароварди тантана раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода гуфт, ки ҳар яки мо воқеан бояд аз он ифтихор дошта бошем, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ дар кишвар таъмин гардида, аз файзи баракати он мову шумо баҳраварем.

- Акнун вақти он расидааст, ки бо такя ба дигар дастовардҳои давраи Истиқлол рушди босуботи низоми бонкии кишварро мақсади асосӣ ва ҳадафи олии фаъолияти минбаъдаамон қарор диҳем.

Бо ҳамин нияти нек, дар охир бори дигар ҳамаи шумо – ҳамкорони азизро ба муносибати ҷашни бузург ва муқаддаси миллӣ - Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона муборакбод мегӯям ва ба ҳар кадоми шумо саломатию сарбаландӣ, хушбахтию саодатмандӣ, пирӯзию хонаободӣ ва дар фаъолияти ҳамарӯза дар Бонки миллии Тоҷикистон барору комёбиҳо орзу менамоям.

Ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад!

Сармуҳаррири маҷалла,
М. Ҳасанова



ҲИССАИ АМАЛИЁТИ ГИРИФТАНИ ПУЛИ НАҚД ВА ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ БО ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТӢ (КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ ВА ҲАМЁНҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ)



83,4%
гирифтани пули нақд

16,6%
пардохтҳои ғайринақдӣ



Афзоиши ҳиссаи амалиёти ғайринақдӣ 5,8 банди фоизӣ

АФЗОИШИ АМАЛИЁТИ ҒАЙРИНАҚДӢ БО ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТӢ
(КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ ВА ҲАМЁНҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ)



52,1%
аз рӯи шумора

83,2%
аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда



Бозомӯзӣ ва тақвият бахшидани тахассусияти кормандон - меҳвари сиёсати кадрии Бонки миллии Тоҷикистон

Дар марҳилаи имрӯзаи тараққиёти иқтисодиёти кишвар нақши низоми бонкӣ хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мешавад. Фаъолияти самараноки низоми бонкӣ дар навбати худ аз таъмин будан бо кадрҳои баландихтисос ва пайваста баланд бардоштани малакаи касбии онҳо вобастагии калон дорад.



Озода Сайдвалиева,
сардори идораи кормандони
Бонки миллии Тоҷикистон

Масъалаи баланд бардоштани сатҳи тахассусияти касбии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ будани онҳо, ба таври зарурӣ ба роҳ мондани сиёсати кадрӣ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон қарор дошта, вобаста ба пешбурди ин сиёсат дар назди воҳидҳои сохтории бонк вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд. Аз ҷумла, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон ҳар сол бо пешниҳоди воҳидҳои сохторӣ Барномаи мақсадноки таълим ва такмили ихтисоси кормандони бонк таҳия гардида, тибқи ин барнома мутахассисон ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд.

Шаклҳои асосии баланд бардоштани сатҳи тахассусияти кормандон иштирок дар семинарҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳо, бозомӯзиҳо, курсҳои дарозмуддат, дохил шудан ба магистратура, аз ҷумла аз ҳисоби барномаҳои давлатӣ мебошад.

Идораи кормандон ба ҳайси сохтори калидии пешбарандаи сиёсати кадрии Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар воҳидҳои сохтории Бонк барои такмили ихтисоси кормандон ва табодули таҷриба бо бонкҳои марказии кишварҳои гуногун робитаи ҳамкориро ба роҳ монда, дар асоси барномаҳои онҳо ва вобаста ба талаботи воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон кормандонро барои иштирок ба чорабиниҳои таълимӣ сафарбар мекунад.

Ҳамин аст, ки аз аввали соли 2023 барои баланд бардоштани дараҷаи саводнокии тахассусию касбияти кормандон, ҷиҳати мустаҳкам намудани ҳамкориҳо байни давлатҳо ва шиносоӣ пайдо кардан бо дастовардҳои низоми бонкии кишварҳои дигар, инчунин мубодилаи малакаи касбӣ, бо розигии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 81 нафар мутахассисон ба хориҷи кишвар ба сафари омӯзишӣ сафарбар шуданд, аз ҷумла, шаҳрҳои Москва ва Қазон – 10 нафар, Белорус– 3 нафар ва Бонки марказии Ҷумҳурии Арманистон – 1 нафар, Қазоқистон (Алмаато) – 19

нафар, Гурҷистон (Тбилиси) – 3 нафар, ИМА (Вашингтон) – 4 нафар, Австрия (Вена)– 16 нафар, Корея (Сеул) – 4 нафар, Фаронса (Париж) – 2 нафар, Марокко (Марокаш) - 1 нафар, Филиппин - 1 нафар, Швейтсария (Сюрих) – 8 нафар, Болгария (София) – 1 нафар, Шоҳигарии Таиланд (Бангкок) -1 нафар, Ҳиндустон - 7 нафар.

Дар ин давра аз ҷониби бонкҳои марказии шарикони ҳамкор зиёда аз 20 видеоконференсияҳо баргузор гардид, ки 478 нафар мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани касбият ва дараҷаи саводнокии молиявию иқтисодии худ, ба таври маҷозӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуда, **246** нафар мутахассис соҳиби сертификат гардиданд.

Дар 12 видеоконференсияҳое, ки аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор, Донишгоҳи муттаҳидаи Вена, Маркази таълимии Герзенси Бонки Швейтсария, Бонки халқии Полша, Бонки Рушди Осиё, Бонки Фаронса, Созмони ҳамкории исломӣ, Бонки Корея баргузор гардида буд, 60 нафар мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ба таври маҷозӣ фаъолона иштирок намуданд.

Дар баробари ин, 7 нафар мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон дар курсҳои бозомӯзие, ки дар доираи Барномаи омӯзишии ҳамкориҳои техникиву иқтисодии Ҷумҳурии Ҳиндустон (ITEC) барои солҳои 2022-2023 аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон таъсис дода шуд, ширкат варзиданд.

Ҳамзамон, боиси ифтихор аст, ки бонувони Бонки миллии Тоҷикистон (2 нафар) дар семинари омӯзишии дарозмуддат (чор-шаш моҳ), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонии бонувон дар якҷоягӣ бо Иттиҳоди фарогирии молиявӣ ва Мактаби тиҷоратии Донишгоҳи Оксфорд (Women's World Banking, Oxford University's Saïd Business School and Alliance for Financial Inclusion) дар мавзуи "Сарварӣ ва гуногунӣ 2023: барои мақомоти танзимкунанда – Занони роҳбарикунандаи дорои имкониятҳои зиёд" ташкил карда шуд, ба шаҳри Оксфорд (Британияи Кабир) барои табодули таҷриба сафарбар карда шуданд.

Бо мақсади иҷрои Барномаи таълими касбии кормандони бонкҳои марказии (миллии) аъзои Шурои бонкҳои марказии (миллии) Авруосиё барои соли 2023 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон се семинари байналмилалии омӯзишӣ аз ҷумла, санаҳои 7-11 августи соли ҷорӣ аз ҷониби мутахассисони департаменти назорати бонкӣ оид ба мавзуи "Маблағгузории шарикӣ (бонкдории исломӣ). Иҷозатномадиҳӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ. Идоракунии корпоративӣ, иҷозатномадиҳӣ ва азнавташкилдиҳии ташкилотҳои қарзӣ", санаҳои 21-25 августи соли ҷорӣ аз ҷониби мутахассисони департаменти ҳисобдорӣ оид ба мавзуи "Баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳои марказӣ (миллӣ)" ва санаҳои 22-24 августи соли ҷорӣ аз ҷониби мутахассисони департаменти технологияҳои иттилоотӣ оид ба мавзуи "Масъалаҳои асосии ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузории идора" гузаронида шуд.
Дар семинарҳои болозикр намояндаҳои Бонкҳои марказии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон, дар маҷмуъ 59 нафар бо таври ҳузурӣ, 193 нафар ба таври маҷозӣ ва ҳамзамон 27 нафар мутахассисони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, соҳиби сертификат гардиданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлили саволномаҳои алоқаи мутақобилаи иштирокчиёни семинарҳои байналмилалие, ки аз ҷониби идораи кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳи августи соли 2023 ташкил карда шуд, нишон дод, ки мундариҷаи семинарҳо мувофиқи талаботи иштирокчиён буда, маводҳои тақсимшаванда манфиатнок, шакли гузаронидани семинарҳо ва таносуби лексияҳо, семинарҳо ба талабот





ҷавобгӯ буда, ҳамзамон сифати баргузории чорабинӣ дар сатҳи олӣ баҳогузорӣ шуданд. Иштирокчиёни семинарҳо қайд намуданд, ки яке аз натиҷаҳои муфиди ин чорабиниҳо имконияти васеи истифодаи донишҳои дастрасшуда дар кори минбаъдаи онҳо мебошад.

Дар ин раванд, бо мақсади таъмини иҷрои банди 1 Пайнавишти № 7 ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ ва суғурта аз 28 майи соли 2021, дар ҳар як воҳиди сохторӣ нақшаи таълимии дохилӣ таҳия ва тасдиқ гардида, тибқи он хонишҳои дохилиидоравӣ гузаронида мешаванд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи забондонии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон омӯзиши гурӯҳии забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ барои кормандон барқарор карда шуд, ки тайи ду соли охир 45 нафар онро хатм карда, соҳиби сертификат шуданд ва 17 нафари дигар дар даври навбатӣ ба омӯзиши забони англисӣ машғул ҳастанд.

Дар нимсолаи якум дар ташкилотҳои қарзии молиявии низоми бонкӣ **7 147** нафар мутахассисон, аз он ҷумла **3 615** нафар зан ва дар ташкилотҳои суғуртавӣ 63 нафар, аз он ҷумла **16** нафар зан ба курсҳои омӯзишӣ, семинар, вебинар ва ғайра ҷалб шуда, донишҳои тахассусии худро такмил додаанд.

Мебояд ёдовар шуд, ки дар доираи Лоиҳаи пешниҳоди стипендияҳо барои рушди захираҳои инсонӣ (JDS) ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилотҳои давлатӣ, ки мутахассисон барои таҳсил ба магистратура ва докторантураи донишгоҳҳои Япония интихоб мегарданд, оғоз аз соли 2011 то инҷониб **21** нафар мутахассисони БМТ дар риштаи магистратураи соҳаи рушди иқтисодиёти Донишгоҳи Осиё ва Уқёнуси Ороми Ритсумейкани шаҳри Беппуи Япония таҳсил ва **16** нафар онро бомуваффақият хатм намуда, барои фаъолияти минбаъда ба Бонки миллии Тоҷикистон баргаштанд. Айни замон, **5** нафар мутахассисон дар донишгоҳҳои мазкур таҳсилро идома дода истодаанд. Ҳамзамон барои соли хониши 2023-2025 ду нафар мутахассиси бонк ғолиби озмун гардида, ба таҳсил сафарбар карда шуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки **15** нафар кормандони БМТ дорандаи сертификатҳои байналмилалӣ мебошанд. Аз ин шумора: **15** нафар соҳиби сертификати CAP (муҳосиби сертификатдори амалкунанда), **1** нафар соҳиби сертификати CAP ва CIPA (муҳосиби касбии байналмилалии сертификатдор) мебошанд.

Ҳамзамон, мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ҳама дорои маълумоти олӣ буда, **16** нафар номзади илмҳо, **1** нафар дотсент ва **2** нафар доктори илмҳо мебошанд.

Бо мақсади назорати самаранокии иштироки кормандон дар семинару коромӯзиҳо, махсусан дар хориҷи кишвар ва бо мақсади ба маълумоти шумораи зиёди кормандон расонидани дониш ва малакаи азхудкарда, аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон тартиби пешниҳоди рӯнамоҳои (презентатсияҳо) кормандони аз сафари хизматии хориҷи кишвар баргашта, бо иштироки васеи кормандон ба роҳ монда шудааст, ки самараи хуби худро нишон дода исто-





дааст. Таҷрибаи мазкур аз соли 2018 инҷониб истифода шуда, тамоми кормандон баъди сафари хизматӣ ва анҷоми даврҳои омӯзишӣ, семинару конфронсҳо аз таҷрибаи баргузорӣ ва андӯхтаи худ дар назди ҳамкорон бо рӯнамо баромад менамоянд, ки ин барои фаро гирифтани шумораи зиёди кормандон ва баланд шудани сатҳи тахассусияти онҳо мусоидат менамояд. Танҳо аз аввали соли 2023 то инҷониб аз ҷониби кормандони Бонки миллии Тоҷикистон 34 рунамоӣ гузаронида шуд, ки дар он 891 нафар мутахассисони бонк иштирок намуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо институтҳои бонуфузи байналмилалӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи тахассусияти касбии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ корҳои муайянеро анҷом дода истодааст. Ҳамин аст, ки аксарияти ташкилотҳои қарзии мамлакат дар масъалаи бозомӯзии кормандон бо ташкилотҳои гуногуни дохил ва хориҷи кишвар, аз қабили Бонки миллии Тоҷикистон, JICA, Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ, АМФОТ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ғайра ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондаанд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон оиди омода намудани кадрҳои баландихтисос барои низоми бонкии кишвар аз соли 2014 бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (Германия) ҳамкории зич дорад. Дар ин муддат мутахассисони ҷавони ташкилотҳои қарзии мамлакат дар курсҳои махсус амалкунанда ба омӯзиши дугона (дуальное обучение) фаро гирифта шуда, соҳиби сертификати байналмилалӣ шуданд. Ҳамчунин дар доираи ҳамкориҳо бо Фонди мазкур ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ ба роҳ монда шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси танзимгари низоми бонкӣ ва бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани сиёсати қадрии худ роҳу усулҳои муосири бо бозомӯзӣ фаро гирифтани кормандонро истифода бурда, барои ба талабот ҷавобгу будани мутахассисон тамоми воситаҳои омӯзиш, аз қабили тренингу семинарҳо, курсҳои видеоӣ ва аудиоӣ, вебинар ва порталҳои омӯзиши фосилавӣ, худомӯзӣ ва ғайраро роҳандозӣ хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, фаъолияти дар самти бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони бонк дар солҳои 2020-2023 амалишуда нишон медиҳад, ки раванди баланд бардоштани касбият ва ихтисоси кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Идораи кормандон минбаъд низ баҳри баланд бардоштани савияи касбӣ, васеъ намудани малакаю дониш ва таҷрибаи кормандони Бонки миллии Тоҷикистон тамоми саъю кушиши худро равона сохта, раванди мазкурро дар меҳвари фаъолияти худ қарор хоҳад дод.

Women's World Banking

ИШТИРОКИ БОНУВОНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ДАР БАРНОМАИ "БОНКДОРИИ БОНУВОНИ ҶАҲОН, ПЕШБУРД ВА ГУНОГУНӢ БАРОИ ТАНЗИМГАРОН - 2023"



Бонувони Бонки миллии Тоҷикистон дар семинари омӯзишии дарозмуддат (шаш моҳ), ки дар доираи Барномаи "Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон – 2023" (Women's World Banking Leadership Diversity Program for Regulators 2023) ташкил карда шуд, (Британияи Кабир, шаҳри Оксфорд) иштирок намуданд.

Барномаи "Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон – 2023" (Women's World Banking Leadership Diversity Program for Regulators 2023) барои бонувони мақомоти танзимгар тарҳрезӣ шуда, дар ҷараёни машғулиятҳои омӯзишӣ онҳоро бо воситаву усулҳои васеъ намудани доираи донишу малака дар самти фарогирии молиявӣ шинос менамояд. Барномаи мазкур намояндагон аз 23 кишвари дунёро фаро мегирад. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи мазкур сардори идораи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон - Қурбоналиева Нигина Мардоновна ва муовини директори пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон Саломзода Гулнора Ғулом ширкат варзиданд.

Аз рӯйи Барномаи "Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон – 2023" намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати чор моҳи аввал ба тариқи маҷозӣ ва баъдан бо даъвати ташкилкунандагони Барнома дар давоми як ҳафта дар семинари омӯзишӣ ба таври ҳузурӣ дар Мактаби тиҷоратии Саид (Business Said School) дар шаҳри Оксфорди Британияи Кабир ширкат намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар раванди омӯзиш иштирокдорони барнома ташаббуси марбут ба дастрасии молиявии бонувонро муайян намуда, онро бо истифода аз таҷрибаи пешқадам баррасӣ ва такмил медиҳанд.

Пас аз анҷом ёфтани давраи омӯзиш иштирокдорон дар ин замина донишу малакаи худро тақвият бахшида, барои банақшагирии рушди касбӣ ва дар амал татбиқ намудани ташаббуси интихобшуда саъю талош меварзанд.

Дар семинар мавзуъҳои муаррифӣ ва татбиқи барномаҳо, таҳияи сенарияҳои банақшагирӣ, баланд бардоштани сатҳи касбӣ дар самти пешбурди гуфтушунидҳо, нақшаи рушд, нигоҳ доштани мувозинат дар зиндагӣ, нақшаи муошират бо тарафҳои манфиатдор, фарҳанги ташкилотчигӣ ва ғайра мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҳамчунин дар рафти мубодилаи афкор аз тарафи иштирокдорон масъалаҳои рушди малакаи касбӣ, таҷрибаи кишварҳои иштирокдор дар самти пешбурди сиёсати татбиқи фарогирии молиявии бонувон баррасӣ шуда, ҷиҳати таҳияи барномаҳои баробарии гендерӣ дар муассисаҳо тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

Ҳамзамон барномаи мазкур муассисаҳои молиявию бонкиро барои ҷалби қувваи корӣ бо дарназардошти баробарии гендерӣ, рушди истеъдодҳо ва банақшагирии пайравон дастгирӣ мекунад.

Ҳадафи асосии ин барномаи омӯзишӣ баррасии масъалаҳо оид ба фарогирии молиявӣ барои танзимгарон ба шумор рафта, дар доираи он таҳияи барномаи алоҳида ҷиҳати баланд бардоштани мақоми бонувон пешбинӣ шудааст.

Фарогирии молиявӣ барои васеъшавии ҳуқуқ ва имконияти иқтисодии занон яке аз воситаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин бо мақсади гузоштани пасандоз дар суратҳисобҳои бонкӣ ё ҳамёнҳои электронӣ, дастрасӣ ба нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ ва дар маҷмуъ истифодаи босамари намудҳои воситаҳои электронии пардохт, баланд бардоштани саводнокии молиявии бонувон зарур дониста мешавад.

Машғулиятҳои омӯзишии Барномаи мазкур шаш моҳ идома ёфта, аз якчанд ҷаласаи интерактивии маҷозӣ (онлайн), вазифаҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, машварати коршиносон ва иштироки бевосита дар семинар иборат мебошад.

Боиси қайд аст, ки рӯзи 12 сентябри соли 2023 дар Форуми глобалии Иттиҳоди фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion-AFI) дар шаҳри Манила, Филиппин ҷаласаи ниҳоии “Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон – 2023” баргузор гардид. Дар ҷаласа дар қатори намояндагони дигар кишварҳо Қурбоналиева Н.М. ташаббуси интихобгардидаро рӯнамой кард.

Дар фарҷоми ҷаласа ба иштирокдорони Барномаи мазкур Қурбоналиева Н.М. ва Саломзода Г.Ғ. аз ҷониби директори Пешбурд ва гуногунӣ, бонкдории бонувони ҷаҳон, хонум Сара Буитони сертификати хатми Барномаи омӯзишӣ (Women’s World Banking 2023 Leadership Diversity Program for Regulators with Said Business School University of Oxford) супорида шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи баробарии гендерӣ ва дастгирии бонувон дар низоми бонкии кишвар дар Нақшаи чорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) оид ба лоиҳаи “Дастгирии узвияти Бонки миллии Тоҷикистон дар Алянс барои фарогирии молиявӣ” пешбинӣ шудааст. Яке аз масъалаҳои дар нақшаи чорабиниҳои мазкур муайянгардида, ташхиси арзёбии умумии баробарии гендерӣ дар низоми бонкии кишвар мебошад.

Бинобар ин, намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар барномаи “Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон - 2023” иштирок намуданд, барои дар амал татбиқ шудани ташаббуси интихобнамудаи худ бо истифода аз донишу малакаи аз ин семинари омӯзишӣ андӯхташуда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ

ҲИСОБОТДИҲӢ ДАР БАХШИ ТАНЗИМ ВА НАЗОРАТ:

ТО КАДОМ ДАРАҶА МАҚОМОТҲОИ НАЗОРАТӢ БА РАВИШИ ҲИСОБОТДИҲИИ БА ИТТИЛООТ НИГАРОНИДАШУДА МАЙЛ ДОРАНД

Мафҳумҳои асосӣ: Танзим ва назорати бонкӣ, маълумоти гранулӣ (муфассал), ҳисоботи танзимӣ ва раванди ҳисоботдиҳӣ.



Хушқадамов Фирдавс Худододович,
сармутахассиси идораи таҳлили бонкҳои департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон.
Унвон: Магистри идоракунӣ (MBA)
Факултети идоракунии байналмилалӣ, Донишгоҳи байналмилалии Япония (2023). Хатмкунандаи Лоиҳаи Агентии Япония доир ба ҳамкориҳои байналмилалии (JICA) «Лоиҳаи пешниҳоди бурсияҳои таҳсилӣ барои рушди захираҳои инсонӣ» (JDS) дар давраи солҳои 2021-2023.
Мавзуи пажуҳиш: Ҳисоботдиҳӣ дар бахши танзим ва назорат: то кадом дараҷа мақомотҳои назоратӣ ба равиши ҳисоботдиҳии ба иттилоот нигаронидашуда майл доранд.

ШАРҲИ МУХТАСАР

Кори илмии мазкур ҳисоботдиҳии танзимиро дар соҳаи бонкӣ таҳлил карда, раванди ҷамъоварӣ, қабул ва коркарди маълумотро аз ҷониби танзимгар шарҳ медиҳад. Боиси қайд аст, ки дар низоми ҳисоботдиҳии танзимӣ баъд аз буҳрони молиявии соли 2008 ва афзоиши талабот вобаста ба шаффофият ва субот дар бахши молиявӣ, тағйиротҳои зиёд ба амал омадааст.

Дар баробари ин, имрӯзҳо бинобар рушди босуръати технологияҳои муосир, бонкҳо маълумоти зиёдро ҷамъ намуда, танзимгарон бошанд дар навбати худ, кӯшиш намуда истодаанд, ки ин иттилоотро аз бонкҳо дастрас карда, барои таҳкими фаъолияти назоратии худ истифода баранд.

Боиси қайд аст, ки дар натиҷаи зиёдшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сарбории иловагии бонкҳо ҷиҳати риояи ин санадҳо афзоиш ёфта, равандҳои ғайрисамараноки ҳисоботдиҳӣ бошанд, ин сарбориро дучанд менамоянд.

Дар муҳити танзиму назорати имрӯза, таҷрибаҳои зиёди нави ҳисоботдиҳӣ ҳамчун роҳи коҳиш додани ин сарбории бонкҳо баррасӣ шуда истодаанд. Кори илмии қайдгардида ба “Равиши ҳисоботдиҳии ба иттилоот нигаронидашуда”, ки он ҳамчун таҷрибаи ҷамъоварии маълумотҳои гранулии коркарданашуда аз тарафи бонкҳои ҳисоботсупоранда ва маҷмуикунонии ин маълумотҳо (агрегатсия) аз ҷониби танзимкунанда муайян мегардад, диққати махсус дода мешавад. Дар пажуҳиш тамоми раванди ҳисоботдиҳӣ, аз таҳияи талабот то истифодаи ниҳоии иттилоот аз ҷониби танзимгар тавсиф гашта, мушкилотҳоеро, ки ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда ба онҳо дар ин раванд дучор мешаванд, шарҳ медиҳад. Кори илмии номбурда татбиқи “Равиши ҳисоботдиҳии ба иттилоот нигаронидашуда”-ро ҳамчун роҳи эҳтимолии кам кардани хароҷот (дар давраи дарозмуҳлат), таъмин намудани иттилооти муфассал ва баланд бардоштани самараноки раванди ҳисоботдиҳӣ барои мақомотҳои танзиму назорат ва ташкилотҳои ҳисоботсупоранда тавсиф менамояд.

Ҳамзамон, мақсади асо-

сии пажуҳиши мазкур муайян кардани тамоюли кунунии истифодаи маълумоти гранулӣ аз ҷониби мақомотҳои танзиму назорати бонкӣ, ҳамчун далели майли онҳо ба “равиши ҳисоботдиҳии ба иттилоот нигаронидашуда” мебошад. Бо мақсади муайян кардани тамоюли зикргардида, шаклҳои ҳисоботии пруденсиалии ҳашт қаламрав (чор маркази молиявӣ ва чор қаламрав бо низомҳои рушдёбандаи бонкӣ) таҳлил гардидааст. Дар доираи таҳлили гузаронидашуда дараҷаи мувофиқатии шаклҳои ҳисоботӣ чиҳати ҷамоварии маълумотҳои гранулӣ, тавассути гурӯҳбандӣ ва муқоисаи онҳо аз рӯи қаламравҳо ва соҳаҳои гуногуни ҳисоботдиҳӣ, муайян карда шудааст.


Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки гарчанде ҳоло танзимгарон шаклҳои маҷмуишудаи ҳисоботиро афзалтар медонанд, қисмати зиёди шаклҳои ҳисоботдиҳии танзимкунанда барои ҷамъоварии маълумоти гранулӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳисоботӣ мувофиқтар аст.

Инчунин, таҳлил муайян кард, ки шаклҳои ҳисоботӣ дар баъзе соҳаҳо нисбат ба дигар соҳаҳои назоратӣ маъмулан муфассалтаранд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки байни мушкилиҳо дар бахши алоҳидаи низоми бонкӣ, сохтори низоми ҳисоботдиҳӣ ва майли ин бахш ба маълумоти муфассал дар раванди танзиму назорат, алоқамандӣ вуҷуд дорад. Масалан, дар низомҳои бонкие, ки хавфи қарзӣ дар онҳо баландтар аст, ҳисоботи танзимӣ муфассалтар хоҳанд шуд.


Илова бар ин, тибқи таҳлили гузаронидашуда, мақомотҳои танзиму назорати низомҳои рушдёбандаи бонкӣ дар муқоиса ба танзимгарони қаламравҳое, ки марказҳои молиявӣ ҳисобида мешаванд, бештар ба истифодаи маълумоти гранулӣ майл доранд.

Натиҷаҳои тадқиқот метавонад ҳамчун маводи истинод дар таҳрезии низомҳои ҳисоботӣ истифода шавад.


ШАКЛҲОИ ҲИСОБОТӢ АЗ РӮИ СОҲАҲОИ МАНФИАТИ НАЗОРАТӢ



REPORTING FORMS BY JURISDICTION



REPORTING FORMS BY JURISDICTION



***Эзоҳ:** Шарҳи танзимгарон дар қаламравҳои баррасишаванда: BOE/RCA - танзимгари бонкҳои Британияи Кабир, FFIEC - таҳиякунандаи методологии назорати бонкӣ дар ИМА, HKMA - танзимгари бонкҳо дар Гонконг, MAS - танзимгари бонкҳо дар Сингапур, NBG - Бонки марказии Гурҷистон, NBK - Бонки марказии Қазоқистон, NBKR - Бонки марказии Қирғизистон, NBT - Бонки миллии Тоҷикистон.

REGULATORY REPORTING:

HOW ARE SUPERVISION AUTHORITIES INCLINED TOWARD DATA CENTRIC APPROACH

Key terms: Banking regulation and supervision, granular data, regulatory reporting, reporting process.

ABSTRACT

The Report describes regulatory reporting in the banking industry - process of collecting, submitting, and processing of information on different aspects of a financial institution's operations by regulators. Regulatory reporting has undergone significant changes in response to the 2008 financial crisis and the increasing demand for transparency and stability in the financial sector. In addition, due to the rapid technological advancement, financial institutions now possess vast quantities of data. Regulators also aim to leverage this valuable data to strengthen their supervisory capabilities. However, as a result of this growing need for information financial institutions nowadays face increasing burden to meet regulatory compliance, to some degree caused by inefficiencies in reporting processes.

There are numerous new practices discussed in the regulatory environment as a way to reduce this burden for financial institutions.

The Report focused on the "data-centric approach" for supervisory reporting, which is defined as practice of collecting detailed, raw data which is subsequently aggregated on a regulator's side. The paper describes the entire reporting process, starting from the design of reporting requirements to the consumption of information by regulator and explains the challenges that financial institutions are facing in the process, and also describes how application of a data-centric approach potentially might help to reduce costs, provide more granular and informative data for regulators and increase efficiency in the reporting process.

However, main objective of the paper is to identify the current tendency of using granular data as evidence of the inclination of banking regulation and supervision authorities toward "data centricity". This is done by analyzing reporting forms used as a part of prudential regulation in eight jurisdictions (four financial hubs and four jurisdictions with emerging banking industries). Reporting forms were classified and compared across jurisdictions to see how well they are suited for granular data in different areas of regulators' interest.

The results of analysis revealed that although currently regulators prefer aggregated reporting forms, quite a large portion of regulatory reporting forms is well-suited to collect granular data in different reporting areas. The analysis also showed that forms for some reporting areas are naturally more granular than others. This allows us to suggest that some relationship between "pain points" in particular banking sector, structure of its reporting framework and its inclination towards using granular data in its regulatory processes exist. For example, jurisdiction with predominant credit risk will tend to have more granular reporting.

In addition, the analysis shows that regulators with emerging banking systems are more inclined towards using granular data then regulators in jurisdictions that are considered as financial hubs.

The results of the research are applicable as reference material for policy makers in design of reporting systems.

Омӯзиш - заминаи устувор барои тақвияти ҳамкории низоми бонкии кишварҳои АвруОсиё

Бонки миллии Тоҷикистон тибқи барномаи таълимӣ барои такмили касби кормандони низоми бонкдорӣ пайваста даврaҳои омӯзишӣ баргузор мекунад. Чунончи рӯзҳои 21-25 августи соли 2023 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Гулистон, дар мавзуи “Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳои марказӣ (миллӣ)” семинар баргузор шуд. Дар ин давраи омӯзишӣ натанҳо коршиноси байналмилалӣ ва кормандони дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон, балки кормандони бонкҳои марказии Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Россия иштирок намуданд.

Бар асоси барнома, мутахассисони варзидаи Бонки миллии Тоҷикистон ба иштирокчиён дар бораи асосҳои қонунгузорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳои дохилибонкӣ, тартиби таҳия ва тасдиқи буҷет дар Бонки миллии Тоҷикистон, тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ, раванди автоматикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ дар бонкҳои марказӣ, тартиби андозбандии амалиётҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ маъруза намуданд.



Ҳамчунин дар маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар мавзуи “Маблағгузории шарикӣ (бонкдории исломӣ), иҷозатномадиҳӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, идоракунии корпоративӣ, иҷозатномадиҳӣ ва азнавташкилдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” семинар баргузор шуд. Ин семинар бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи барномаи таълимии бозомӯзии кормандони бонкҳои марказии аъзои Шӯрои бонкҳои марказии АвруОсиё барои соли 2023, аз 7 то 11 августи соли 2023 дар шаҳри Гулистон гузаронида шуд. Дар ин давраи омӯзишӣ намояндагон аз Россия, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Белорус ва кормандони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд. Инчунин дар ин чорабинӣ ҳудуди 200 нафар кормандони бонкҳои марказии кишварҳои мазкур ба тариқи фосилавӣ ширкат варзиданд.

Дар ин давраи омӯзишӣ масоили муҳимме, чун асосҳои маблағгузории исломӣ, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, таърихи татбиқи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби пешбурди танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, стандартҳои Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ, талаботи стандартҳои Ташкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ барои гирифтани иҷозатнома мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Инчунин рӯзҳои 22-24 августи соли равон аз ҷониби мутахассисони департаменти технологияҳои иттилоотӣ дар мавзуи “Масъалаҳои асосии ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузории идора” барои бозомӯзии кормандони низоми бонкии кишварҳои минтақа семинар баргузор шуд.

Иштирокчиён бо изҳори қаноатмандӣ ташкили чунин семинарҳои омӯзиширо барои тақвияти муносибатҳои минбаъдаи мақомоти танзимгар ва назорати бонкии байни кишварҳо судманд арзёбӣ намуданд.

Бояд гуфт, ки дар ин давраҳои омӯзишӣ дар умум, 59 нафар намояндагони бонкҳои марказии кишварҳои минтақа - Россия, Белорус, Қазоқистон, Арманистон, Ӯзбекистон ва Озарбойҷон ба тариқи ҳузурӣ, 193 нафар ба таври маҷозӣ ва ҳамзамон 27 нафар мутахассисони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуда, сертификатҳои байналмилалӣ дарёфт карданд.

А. Мӯминов



Рушди бозори суғурта таъмин мешавад

Дар Бонки миллии Тоҷикистон рӯзи 17-уми июл ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 доир гардид. Дар ҷаласа вазъият ва масоили муҳимми бозори суғурта баррасӣ шуданд ва аз фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар нимсолаи аввали соли 2023 натиҷагирӣ карда шуд.

Ин ҷаласаро муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода роҳбарӣ намуд ва дар он роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ва масъулони воҳидҳои сохтории Бонки миллӣ иштирок намуданд.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ҷаласаро ифтитоҳ намуда, аз натиҷаҳои ба дастомаданаи бозори суғурта дар давраи ҳисоботӣ изҳори қаноатмандӣ намуд. Ӯ зикр намуд, ки нишондиҳандаҳои бозори суғурта дар қатори нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар новобаста аз таъсири манфии як қатор рӯйдоду пайомадҳои ногувор, ки боиси коҳиш ёфтани рушди воқеии иқтисодиёти ҷаҳон ва афзоиши бесобиқаи таваррум дар кишварҳои тараққикарда гардидааст, мусбат ҷамъбаст гардиданд.

Ба таъкиди Фирдавс Толибзода дар ин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам кардани таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ чораҳои амалӣ андешидааст ва ин чораҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат мусоидат намудаанд.

Дар ҷаласа зикр гардид, ки роҳбарияти кишвар ба рушди бозори суғурта диққати махсус зоҳир намуда, барои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани санаду меъёрҳои ҳуқуқии он пайваста дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд. Ҳоло аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ бо мақсади рушди соҳа 3 лоиҳаи

кумакҳои техникӣ оид ба масъалаҳои ҷорӣ намудани раванди муосири ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили оморӣ, таҳияи Стратегияи рушди миёнамуҳлати соҳаи суғурта, баланд бардоштани иқтидори касбии мақоми назоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ татбиқ шуда истодаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар, тамоми имкониятҳои мавҷударо барои таъмини рушди бозори суғурта истифода намуда, тадбирҳои саривақтӣ ва самаранок меандешад.

Дар ҷаласа масъалаи ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондани амалиётҳо низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, аз 22 июни соли 2023, №586, аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба мақоми давлатӣ доштани КВД “Тоҷиксуғурта” масъалаи ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондани амалиётҳо аз рӯйи маблағҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ бевосита ба зиммаи ин муассиса вогузор шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин барои мустаҳкам намудани заминаи қонунӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ



тадбирҳои зарурӣро амалӣ менамояд. Аз он ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон муяссар гардид, ки таҳлили молиявии ташкилотҳои суғуртавиро дар алоҳидагӣ аз рӯи принсипҳои асосии суғурта анҷом диҳад.

Инчунин зикр шуд, ки бо мақсади таъмини шаффофият ва эътимоднокии амалиётҳо шакли нави автоматикунонидашудаи ҳисоботҳои молиявӣ аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардида, лоиҳаи пилотии он барои баррасӣ ва истифода ба ташкилотҳои суғуртавӣ равон карда шудааст.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни суханронии худ изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои мусоидат намудан ба ҳалли мушкилоти ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ дар доираи ваколатҳои худ омода аст ва бо амалигардонии мониторинги доимии фаъолияти бозори суғурта ислоҳоти сохторию солимгардонии онро дар нимсолаи дуюми соли 2023 идома мебахшад.

Дар ҷаласа, сардори идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Дилбар Ҳусейнова дар мавзуи “Вазъи бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023” бо рӯнамои муфассал суханронӣ намуда, иштирокдоронро бо натиҷаҳои фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар нимсолаи якуми соли 2023, аз ҷумла сох-

тори низоми суғурта, дороиҳо, уҳдадориҳои тавозунӣ, сармояи худӣ, сармояи оинномавӣ, воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ, мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта, саҳми мукофоти суғуртавӣ аз рӯи намудҳои суғурта дар нимсолаи якуми соли 2023 ошно намуд.

Ба таъкиди ӯ, дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои низоми суғурта нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 33,3 фоиз, сармояи умумӣ 21,4 фоиз, сармояи оинномавӣ 19,3 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 57,9 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 16,8 фоиз ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 36,5 фоиз афзудаанд. Дар маҷмуъ, дар нимсолаи якуми соли 2023 дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ 2,2 фоизро ташкил намуданд.

Дар ҷараёни маҷлис Фирдавс Толибзода ба роҳбарони як қатор ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон дар хусуси саривақт ва босифат пешниҳод намудани ҳисоботҳо, гузаронидани аудити беруна, татбиқ намудани таъиноти Бонки миллии Тоҷикистон, иҷрои нақшаву чорабиниҳои тасдиқшуда, амалӣ намудани низоми автоматикунонии фаъолият ва ислоҳ намудани камбудиҳо супоришҳо дод.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавиро барои насб намудани низоми автоматикунонидашудаи пешбурди ҳисобдорӣ, таҳия ва тасдиқ намудани “Сиёсати ҳисобдорӣ”, риояи тартиби ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ, риояи талаботҳои қонунгузории соҳавӣ, вусъат додани амалиётҳои ғайринақдӣ барои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, зиёд намудани ҳиссаи пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ва бештар намудани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ муваззаф намуд ва таъкид намуд, ки татбиқ намудани онҳо рушди минбаъдаи соҳаи суғуртаро дар кишвар таъмин мекунад.

Инчунин барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ вазифадор гардиданд, ки саривақт чораҳои таъхирнопазир андешанд ва меъёрҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаро дар фаъолияти худ мунтазам риоя намоянд.

Зимни ҷамъбасти ҷаласа таъкид гардид, ки барои амалӣ намудани нақшаҳо ва вазифаҳои гузошташуда ҳамаи иштирокчиёни низоми суғуртаро зарур аст, ки ҳамчун узви ҷудонашавандаи ин низом дар ҳамбастагӣ рушди бозори суғуртаи мамлакатро таъмин намоянд.

А. Мӯминов

Тангаҳои намунаи соли 2023 ба муомилот баромаданд



Бонки миллии Тоҷикистон тангаҳои сомонии намунаи соли 2023 – ро ба муомилот ворид намуд. Ҳамакнун тангаҳои нав бо арзиши номиналии 1, 3, 5 сомонӣ ва бо арзиши номиналии 20, 50 дирам, барориши соли 2023 дар баробари тангаҳои дар муомилот будаи барориши солҳои пешин, мавриди истифода қарор мегиранд. Бар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2023, таҳти №95 мақсади барориши ин тангаҳо таъмин намудани иқтисодиёт бо пули накд номида мешавад.

Тибқи қарори мазкур Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадории Бонки миллӣ барои ҳамлу нақл, баҳисобгирӣ ва ташкил намудани шароит ҷиҳати ба муомилот баровардани тангаҳои бароришисоли 2023 муваззаф шудааст.

ИҶОЗАТНОМАҲО

● **ҶСП “Актив Бонк” соҳиби иҷозатнома шуд**

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 13 сентябри соли 2023, таҳти №96 бо сабаби иваз шудани номи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Халиқ Бонк Тоҷикистон” ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Актив Бонк” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ тавассути азнавбарасмиятдарорӣ иҷозатнома дод. Иҷозатномаи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Халиқ Бонк Тоҷикистон” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ аз 3 июли соли 2019, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2019, №72 дода шудааст, аз эътибор соқит эълом гардид.


● **ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул” иҷозатнома гирифт**

Бар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 2023, таҳти №103 Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ташкилоти суғуртавии Такаффул” барои фаъолияти суғуртавӣ аз рӯи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ бе муҳлат иҷозатнома дарёфт кард.


● **Ба ҶДММ “ЭЙЧ ЭЛ БИ ТОҶИКИСТОН АУДИТ” иҷозатнома доданд**

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 25 сентябри соли 2023, таҳти №105 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ЭЙЧ ЭЛ БИ ТОҶИКИСТОН АУДИТ”, барои фаъолияти аудиторӣ дар бахши аудити ташкилотҳои суғуртавӣ иҷозатнома дод.


Сохтори ташк. қарзии молиявӣ (адад) ва нишондиҳандаҳо (млрд. сомонӣ) январ-июни с.2023



Шумораи барҳамдиҳии ТҚМ



Шумораи иҷозатномаҳои додашуда аз рӯи намуди ТҚМ



НИГАРОНӢ АЗ АМАЛҲОИ ҚАЛЛОБӢ ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Замони пешравии технологияҳои иттилоотӣ дар баробари бартариятҳои зиёди худ инчунин паҳлуҳои дигар ҳам дорад, ки аз он гурӯҳи манфиатдор метавон истифода кард. Вақтҳои охир дар баробари ворид шудан ба шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳои хеле фаъол рӯ мезананд, ки бо нашри эълону таблиғоти зиёд бо ишораи имконоти васеъ ва роҳҳои осони ба даст овардани даромади калони пулӣ таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунанд.

Аксари ин эълонҳо барои ба даст овардани эътимоду боварии мардум бештар аз барномаҳои махсуси маблағгузорӣ, ки гӯё дар такя ба ҳукумати кишвар ё ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ё гранту кӯмакҳои молиявӣ роҳандозӣ мешаванд, сӯиистифода шудаанд.

Дар чунин ҳолат на ҳама муътамад будани сарчашмаи ин саҳифаҳоро месанҷад, зеро гап сари эътимоду боварӣ ба давлату шахсони бонуфузи давлатӣ ва ё ширкатҳои бузурги хориҷӣ меравад. Аз ин рӯ, беш аз ҳама шаҳрвандони ба доми фиреби қаллобон дучоршуда аксаран шахсоне мебошанд, ки роҳи осони ба даст овардани даромадро дунбол мекунанд ва ё бисёр зудбовар ҳам мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар байни чунин ашхос ҳам дорандагони маълумоти олӣ ва ҳам кормандони мақомоти давлатӣ вомехӯранд, ки ба доми чунин қаллобон гирифтор шудаанд.



Мирзоалиев Ҳалим,
директори департаменти мониторинги молиявӣ

Албатта, қаллобӣ тавассути интернет дар замони муосири рушди илму технологияҳои нав воқеияте аст ва дар баробари дастрасии мардум ба интернет хавфи рӯ ба рӯ шудан бо қаллобони интернетӣ истисно нест ва ин паҳлуи манфии дастрасӣ доштан ба интернет аст, ки тамоми давлатҳои дунё новобаста аз хоҳишашон бархурдор ҳастанд.

Ҳоло ки дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет тамоюли афзоиш дорад, мутаассифона, дар аксар ҳолат ҷавонон онро на барои такмил додани донишу малака ва омӯхтани барномаҳои созандаву гирифтани таҷрибаи муосир, балки барои сохтани видеороликҳои бемантиқу нолозим ва баъзан аз лиҳози ахлоқӣ паст ва тамошои чунин видеороликҳо, инчунин дарёфти даромади муфт истифода мебаранд.

Бояд гуфт, ки корбарӣ бо интернет аз ҷониби мутахассисони ин соҳа рушди фарогирро дар ҷаҳон касб намудааст ва новобаста аз ҷои иқомат имконият фароҳам аст, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ барномаҳои ёрирасон ва самарабахш барои рушди бахшҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ таҳия карда шаванд. Баръакси ин ҳолат низ, таҳлилҳо ни-

шон медиҳанд, ки аз ҷониби гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида бо мақсади гирифтани даромади осон ҳаргуна барнома ё нақшаҳои қаллобӣ тарҳрезӣ шуда истодааст.

Масъалаи зиёд шудани ҳолатҳои қаллобӣ тавассути интернет (шабакаҳои иҷтимоӣ) паҳлӯи дигар низ дорад, ки шаҳрвандон асосан бе омӯхтани тарафҳои манфии иқдомҳои мегирифтаашон ва ё худсарона қабул кардани қарори молиявӣ бидуни машварат мебошад, ки ҳатто ба оила ва наздикони худ аз иқдомҳои мегирифтаи худ хабар надода, танҳо дар фикри гирифтани даромади осон мебошанд.


Боиси тааҷҷуб аст, ки қаллобон бо шиори гӯё имконияти гирифтани даромад тавассути иштирок дар лоиҳаҳои кумакҳои иҷтимоӣ барои аҳолии ниёзманд роҳандозӣ шудааст, мардумро гумроҳ карда бо истифода аз боварии онҳо бо роҳи қаллобӣ кӯшиши тасарруф кардани маблағи онҳоро мекунанд ва мутаассифона шумораи зиёди шаҳрвандон дучори фиреби қаллобон гардиданд.

Ҳарчанд намуди сомонаҳои қаллобон гуногун ба назар мерасад, вале сохти барномаҳо ва корбарӣ бо онҳо якранг мебошад ва онҳо асосан тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ - фейсбук, инстаграм, ютуб, телеграм ва вотсапп бо нашри рекламаҳои кӯтоҳ ва эълонҳои гумроҳкунанда, аз қабили иштирок дар лоиҳаҳои гуногуни бардурӯғ ва қалбакӣ (ба монанди “Газпром-инвест”, “Алиф-инвест”, “Tesla X”, “Muslim trade”, “FX-Standart”, “Халялный трейдинг”, “Амина Мустаҳаб инсайдер”, “Маблағгузории исломӣ”, “Даромадҳои ҳалол барои мусулмонон” “Гулнора”, “Алия”, “Амина”) ва боз гӯё бо дастгирии чандин шахсиятҳои бонуфузу шинохтаи дохилӣ (роҳбарони мақомоти давлатӣ ва дигарон) ва берун аз кишвар бошад (аз номи Алишер Усмонов, Илон Маск, Гусейн Гасанов, Павел Дуров ва дигарон) аз хориҷи кишвар тарғибу ташвиқот шуда истодааст.

Нигаронии бештар дар он аст, ки қаллобон дар эълону таблиғоти худ махсусан имконияти гирифтани даромад ва пешниҳоди имтиёз танҳо барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода кардаанд, ки таваҷҷуҳи мардуми зудбоварро тез ба худ ҷалб карда, барои амалӣ намудани ниятҳои қаллобии худ шароити мусоид фароҳам овардаанд ва роҳи тасарруфи маблағҳои мардумро барои худ осон кардаанд.

Дар зер баъзе аз чунин эълонҳо ва намуди зоҳирии барномаҳои сохтаи қалбакиро барои мисол меорем:

ЭЪЛОНҲОИ ГИРИФТАНИ ДАРОМАДИ ЗИЁД ВА ОСОН




Аз намунаи расмҳои дар боло дарҷшуда бармеояд, ки намуд ё схемаҳои қаллобон ҳамчунон зиёд аст, ки бо мақсади гирифтани даромади муфт тамоми роҳҳои бофтаи ҳавасмандкуниро истифода мебаранд, инҳо ба монанди иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва гирифтани даромади чандин маротиба зиёд, пешниҳоди кӯмакҳои иҷтимоӣ, гирифтани кӯмак барои фарзандони ноболиғ, гӯё ирсол намудани баста (посылка) ба шинос/дустдошта, пешниҳоди даромади ҳалол ва бо гирифтани фоида дар як рӯз 15,0 ҳазор сомонӣ ё 2000 доллари ИМА ва амсоли инҳо мебошанд.

Боиси тааҷҷуб аст, ки имрӯзҳо қаллобӣ шакли тамоман густурдаро касб намудааст, агар қаблан ҷабрдида як бор ба доми қаллобон дучор мешуд, аммо ҳолатҳои ошкоршуда далели он аст, ки ҳарчанд ҷабрдида дар баъзе ҳолат эҳсос менамояд, ки ба доми фиреб афтидааст, вале аз суҳбат ва бо маслиҳати қаллоб боз умеди бозпас гирифтани маблағи худ ва даромади иловагиро мекунад.

Ҳолате низ ҷой дорад, ки шаҳрванд барномаи махсуси телевизиониро оид ба амалҳои қаллобӣ тамошо кардааст, аммо бо мақсади гирифтани баста (посылка) боз дучори фиреби қаллобон гардидааст, ки ба шаҳрванди хориҷӣ дар умум зиёда аз 30,0 ҳазор сомонӣ маблағ интиқол додааст.

Дар қатори рекламаҳои

ЭЪЛОНҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ШИРКАТҲО ВА АДВОКАТҲОИ ҚАЛБАКӢ



зикршуда эълонҳо ва видеороликҳои зиёди бо ном ширкатҳои адвокатӣ ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо шаклҳои гуногун ва бо ваъдаҳои баргардонидани маблағҳо гузошта шудаанд.

Бояд гуфт, ки ширкатҳои адвокатӣ низ ҳамон қаллобоне ҳастанд, ки мардуми гумроҳшударо боз фиреб карда, маблағҳояшонро дубораю себора тасарруф менамоянд ва чунин ҳолатҳо кам нестанд.

Шаҳрванди дигар, ки гӯё хариду фурӯши тиллоро дар яке аз барномаҳои қаллоб анҷом медодааст, дар охир зиёда аз 90,0 ҳазор сомонии худро ба суратҳисоби қаллобон мегузаронад, ки аз ин наздики 1200,0 доллари ИМА-ро бо мақсади бозпас гардонидани маблағҳояш ба адвокатҳои қалбакӣ месупорад.


Мутаассифона, рӯз то рӯз қаллобон доираи фаъолияти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ намуда, барои ба кор таъмин кардани шаҳрвандон дар дохил ва хориҷи кишвар, бахусус, Британияи Кабир рекламаҳои гуногуни ҷалбкунанда гузошта истодаанд.

Шаҳрвандоне, ки мехоҳанд бо роҳи осон дар Аврупо кору фаъолият намоянд, боз дучори фиреби қаллобони интернетӣ мегарданд.

Мутаассифона, то он даме, ки шаҳрвандон ба чунин эълонҳо бовар мекунанд ва кӯшиши гирифтани даромади осонро доранд, дучор шудани онҳо ба фиреби қаллобони интернетӣ аз эҳтимол дур нест.

Бояд қайд кард, ки Департаменти мониторинги молиявӣ ҳамчун ниҳоди ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунигардони (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаа, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом муайян гардида, дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати пешгирии амалҳои зикршуда тадбирҳои заруриро андешида истодааст.

ЭЪЛОНҲО ОИД БА ҶАЛБИ ШАҲРВАНДОН БА КОРҲОИ ГУНОГУН



Бо мақсади пешгирӣ кардани чунин ҳолатҳо ва огоҳ кардани аҳолӣ аз қаллобони интернетӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як қатор тадбирҳои зарурӣ ва саривақтиро роҳандозӣ намуд, аз ҷумла моҳи апрели соли ҷорӣ барномаи телевизионӣ дар мавзуи “Пешгирии амалҳои қаллобӣ дар фазои интернетӣ” омода ва тариқи шабакаҳои телевизионӣ такрор ба такрор пешкаши тамошобинон гардонида шуд. Баъдан, бо иштироки намояндагони департаменти мониторинги молиявӣ тариқи радиои “Тоҷикистон” вобаста ба масъалаҳои “Қаллобӣ дар интернет” ва радиои “Азия Плюс” оид ба ин мавзуъ суҳбатҳо низ анҷом дода шуданд.

Ҳамзамон, видео-роликҳои кӯтоҳ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия карда шуда, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон, шабакаҳои иҷтимоӣ аз қабили фейсбук, телеграм-канал, сомонаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва кормандони онҳо нашр шуданд. Инчунин ҷиҳати пайдарпай пахш намудани видео-роликҳо бо нишон додани намуди зоҳирии якчанд сомонаҳои қалбакӣ ба Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо ва пайваста ворид шудани кормандони департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мизоҷ ба телеграм-канал, видео-роликҳо, рекламаҳо ва дигар барномаҳои қаллобон, инчунин корбарӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ зиёда аз 1000 адад суратҳисоб-кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронии қаллобон, ки тариқи онҳо бо роҳи фиреб маблағҳои шаҳрвандон интиқол дода мешуданд, ошкор ва баста шуданд.

Ҷиҳати пайгирӣ намудани масъалаи мазкур бо дарҷи суратҳисобҳои мутааллиқ ба бонкҳои кишварҳои аъзои Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон) мактубҳои дахлдор ирсол карда шуда, корбарӣ бо онҳо рафта истодааст.

Маълумотҳое, ки дар таҳлилҳои департаменти мониторинги молиявӣ истифода шудаанд ва ё ҳангоми ворид шудани кормандони департамент ба сомонаҳои зикршуда муайян карда шуд, таъсисдиҳандагони чунин барномаҳои сохта ё қалбакӣ асосан бо забони русӣ аз хориҷи кишвар тамос гирифтаанд ва ё тариқи вотсапп бо истифода аз тарҷумаи барномаи “google” истифода намудаанд.

Шаҳрвандоне, ки дучори амалҳои қаллобӣ гаштаанд, мутаассифона барои дақиқ кардани маълумот ё воқеӣ будани он вориди сомонаҳои расмии мақомоти давлатӣ - сарчашмаҳои расмӣ нашудаанд ва аз касе оиди чунин иқдомҳои пешниҳодшудаи қаллобон пурсон нашудаанд.

Аз ин рӯ, **Бонки миллии Тоҷикистон ба шаҳрвандон ҳушдор медиҳад**, ки фиреftаи чунин даромади осон ва қаллобони интернетӣ нашаванд ва дар ҳолати дучор шудани чунин таблиғот оиди ба даст овардани фоидаи зиёд ба сарчашмаҳои расмӣ такя намоянд.



ФЕСТИВАЛИ “САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ” ДАР ШАҲРИ ХОРУҒ

Дар доираи татбиқи “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон 23 сентябри соли 2023 дар бинои Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назаров дар шаҳри Хоруғ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ фестивали “Саводнокии молиявӣ” баргузор карда шуд.

Дар қисмати аввали фестивали “Саводнокии молиявӣ”, ки аз “Намоишгоҳи маҳсулоти бонкӣ” иборат буд, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ширкат варзида, маҳсулоти молиявӣ ва истеҳсолии худро ба иштирокчиён муаррифӣ ва пешниҳод намуданд.

Ҳамзамон, дар рафти намоиш аз ҷониби маркази дилхушии кӯдаконаи “Радуга чудес” барои кӯдакон ва наврасон бозиҳои интеллектуалӣ, саволу





ҷавобҳо, кроссвордҳо ва дигар машғулиятҳои шавқовар ташкил карда шуд.

Қисмати дуввуми фестивалро “Форуми саводнокии молиявӣ” идома бахшид, ки тантанаи ифтитоҳи онро муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Носирзода Умедҷон гузаронд. Зимни кушодашавии Форуми мазкур аз зарурати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва нақши он дар некуаҳволии аҳолӣ махсусан қайд карда шуд.

Дар баробари ин, сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон Муродалиев Далер доир ба иҷрои корҳо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои пешбининамудаи “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” ва нақши саводнокии молиявӣ дар рушди низоми бонкии мамлакат суханронӣ намуд. Баъдан як қатор мутахассисони соҳаи бонкӣ, соҳибкорони муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ дар мавзуъҳои гуногун вобаста ба саводнокии молиявӣ баромад намуданд. Аз ҷумла, оид ба “Муҳиммияти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ” мушовир-мутахассиси идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ - Изатзода Шомил, оид ба “Трансформатсияи рақамии бонк ва пардохтҳои ғайринақдӣ” сардори департаменти тиҷорати чаканаи “Бонки Эсхата” –









Носирҷон Орипов, оид ба “Пешгирии амалиётҳои қаллобон дар низоми молиявӣ” – Ректори донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев – Комилбек Амид, оид ба “Муносибат ва таҷрибаҳои интиқоли маблағ, қабул ва сармоягузории маблағҳои пулӣ аз ҷониби муҳоҷирон” – роҳбари шуъбаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва фарогирии иҷтимоии Созмони байналмилалии муҳоҷират (ІОМ) – Гулнора Камолова ва оид ба “Саводнокии молиявӣ дар рушди тиҷорат” – директори ҶДММ “Босифат 2018” – Назира Дилёбова бо рӯнамо баромад намуданд.











Дар анҷоми форум барои хотирмон шудани ҳамоиши мазкур ва ҳавасмандӣ ба мавзуи рӯз ба иштирокчиён саволҳо пешниҳод шуданд ва нафароне, ки ҷавобҳои дуруст пайдо карданд, бо туҳфаҳои хотиравӣ ба мисли гӯшмонак, планшет, китоб, лавозимоти конселярӣ, термосчаҳои дастӣ ва ба амсоли ин туҳфаҳо, ки аз ҷониби шарикони рушд пешниҳод гардида буданд, тақдим карда шуд.

Маврид ба зикр аст, ки дар форуми мазкур зиёда аз 900 нафар, аз ҷумла хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ, кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ВМКБ ва кормандони ташкилотҳои хориҷӣ иштирок намуданд.



Дар қисмати сеюми фестивал, ки чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид, дар он сарояндагони эстрадаи тоҷик ҳунарнамоӣ ва табъи иштирокчиёни фестивалро болида намуданд.

Бо ин васила, дар фестивали “Саводнокии молиявӣ” дар шаҳри Хоруғ зиёда аз 1500 нафар бевосита наврасон ва ҷавонон иштирок намуда, дар бораи баргузории чорабинии мазкур тавассути шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Instagram зиёда аз 200 ҳазор нафар огаҳӣ пайдо намуданд.

Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ



АХБОРИ НИЗОМИ БОНКӢ

“АМОНАТБОНК” 100 МИЛЛИОН СОМОНӢ ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ МЕДИҲАД

КВД Бонки амонатгузории Тоҷикистон “Амонатбонк” додани қарзҳои ипотекиро тавсеа медиҳад. Ин бонк ба маблағи умумии 15,3 миллион сомонӣ (1,4 миллион доллар) ба 72 нафар мизоҷон қарзи ипотека додааст. Бино ба гуфтаи роҳбари “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ чунин қарздиҳиро “Амонатбонк” аз кормандони худ, ки собиқаи корӣ зиёд доранд, оғоз намудааст ва бо ин роҳ 42 нафар бо шартҳои имтиёзнок (8%-и солона) қарзи ипотекӣ гирифтаанд.

“Амонатбонк” ба мизоҷони дигар қарзи ипотекиро бо шартҳои 10%-и солона бо асъори хориҷӣ ва 20%-и солона бо пули миллӣ ба муҳлати 10 сол пешниҳод кардааст.

Шарти ҳатмии гирифтани қарз барои харидории манзил пешпардохт аз ҷониби мизоҷ дар ҳаҷми 30% аз маблағи умумии хона мебошад. Ҳамчунин гуфта мешавад, мизоҷон метавонанд ипотекаро ба муҳлати кӯтоҳтар гиранд. Дар сурати кам будани муҳлат маблағи фоизҳо камтар хоҳад шуд.

Дар умум, таъкид дошт ӯ, “Амонатбонк” барои қарзи ипотека аз ҳисоби сармояи худ 100 миллион сомонӣ ҷудо кардааст. Бонк наметавонад аз ҳисоби пасандозҳои ҷалбшуда ипотека диҳад, зеро муҳлати баргардонидани ин маблағҳо аз се сол зиёд нест.

“БОНКИ ЭСХАТА” ДОДАНИ КОРТИ МИЛЛИРО РОЙГОН НАМУД

ҶСК “Бонки Эсхата” эълом кард, ки минбаъд ба муштариён Корти миллиро ройгон медиҳад. Ин тасмим бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, оммавӣ гардонидани пардохтҳои ғайринақдӣ ва барномаи мобилии “Эсхата Онлайн” гирифта шудааст. Зеро Корти миллӣ дорои як қатор афзалиятҳо мебошад, аз ҷумла он имконияти анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ барои хариду молу хизматрасониҳо тавассути ҳама гуна POS-терминалҳо, гирифтани пули нақд то 10000 сомонӣ бе комиссия аз банкоматҳои бонки мазкур ва имконияти истифодабарии шабонарӯзиро барои муштариён фароҳам меорад.

Ҳамчунин масъулини бонки мазкур изҳор медоранд, ки агар муштариён ин кортро ба барномаи “Эсхата Онлайн” пайваст кунанд ва дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонии шарики “Бонки Эсхата” бо истифода аз рамзи QR пардохт кунанд, ба онҳо то охири соли 2023 дар ҳаҷми 1% кэшбэк ҳамчун мукофот дода мешавад.

Муштариён метавонанд бо муроҷиат ба филиали наздиктарини бонк чунин кортро дарёфт кунанд ва ё онро тариқи “Эсхата Онлайн” фармоиш диҳанд.

DUSHANBE CITY ҶАВОҲИРОТИ “АҚИҚА”-РО НАСИЯ КАРД

ҶСП “Душанбе Сити Бонк” ба муштариёнаш хабар додааст, ки ҳадя кардани туҳфаҳои ҷолибу пуршукуҳ тариқи ин бонк осонтар шудааст.

Дар иттилоияи ин бонк омадааст, ки “Акнун муштариён метавонанд тилловориро дар Корхонаи заргарии “Ақиқа” тариқи насия ба муҳлати то 9 моҳ бе фоиз харидорӣ намоянд. Харидани ангуштарину гӯшвора, занҷиру гарданбанд, дастпонаву овезаҳо бо 0% хеле содда аст!”

Ба муштариён барои ба тариқи насия харидани ҷавоҳирот зарур аст, ки маснуоти писандидашуда дар хонаи заргарии “Ақиқа”-ро интихоб кунанд ва ба мутахассиси бонки мазкур, ки дар ин фурӯшгоҳ қарор дорад, муроҷиат намоянд.

Дар сурати нархи маснуот аз 5000 сомонӣ зиёд будан муштариён бояд бо худ шиноснома, РМА ва маълумотнома дар бораи музди меҳнат дошта

бошанд ва агар нархи маснуот аз 5000 сомонӣ кам бошад, пас маълумотнома дар бораи даромад лозим намешавад.

МУЛОҚОТИ НАМОЯНДАГОНИ "САНОАТСОДИРОТБОНК" БО ҲАЙАТИ БОНКИ ОСИЁИИ РУШД

КВД БСТ "Саноатсодиротбонк" натиҷаҳои фаъолияти худ ва лоиҳаҳои муштараки татбиқшаванда бо Бонки Осиёии Рушдро зимни як мулоқот баррасӣ намудааст. Ин мулоқотро муовини раиси раёсати "Саноатсодиротбонк" Муҳиддинзода Ш.Ф. ва ҳайати Бонки Осиёии Рушд таҳти роҳбарии Самет Чевкет Булут анҷом додаанд. Дар он муовини раиси раёсати "Саноатсодиротбонк" оид ба натиҷаҳои фаъолияти бонки мазкур ва лоиҳаҳои муштараки татбиқшаванда бо Бонки Осиёии Рушд маълумот додааст. Ҷонибҳо масоили васеи ҳамкорӣ, аз ҷумла масъалаҳои маблағгузории сабзро мавриди муҳокима қарор доданд. Қайд шудааст, ки дар замони муосир нақши чунин воситаҳои маблағгузорӣ барои паст кардани партовҳои газҳои гулӯхонаӣ ва ба ҳамин васила устувор нигоҳ доштани иқлими чаҳонӣ назаррас мебошад.

ССБ Ҳадафи мо - муваффакияти Шумо!

Ҳайати Бонки Осиёии Рушд аз рафти татбиқи лоиҳаҳои муштарак изҳори қаноатмандӣ намуда, ҷиҳати боз ҳам васеъ намудани ҳамкориҳои дуҷониба омодагиашонро баён кардаанд.

"СПИТАМЕН БОНК" БА НИЗОМИ ПАРДОХТҲОИ ФАВРӢ ПАЙВАСТ ШУД

ҶСП "Спитамен Бонк" ба муштариён хизматрасонии нав ва соддаи интиқол ба кортҳоро тавассути Низоми пардохтҳои фаврӣ пешниҳод мекунад. Бо ин низом муштариён метавонанд тавассути замимаи бонкҳои Русия ба рақами телефони мизоҷони "Спитамен Бонк" маблағ интиқол диҳанд.

Бартарияти асосии интиқол тавассути Низоми пардохтҳои фаврӣ набудани комиссия барои интиқоли маблағ аст. Илова бар ин, низоми мазкур суръати баланд ва бехатари интиқолҳоро таъмин мекунад.

СПИТАМЕН БОНК ШОИСТА ЗИНДАГӢ НАМУД

Бонки мазкур дар сомонаи худ менависад: "Акнун барои ба наздикон ва ё дӯстон маблағ равон кардан зарурат ба интизор истодан дар навбати тӯлонӣ намемонад. Бо Низоми пардохтҳои фаврӣ ба соддагӣ дар муддати чанд дақиқа ба корти худ маблағ қабул мекунед. Мо ифтихор мекунем, ки "Спитамен Бонк" бо ғамхорӣ ба мизоҷони худ, яке аз аввалинҳо шуда ба ин низом пайваст шуд ва минбаъд низ роҳҳои бехатаринро барои осон кардани кори муштариёни азизамон дарёфт ва ҷорӣ хоҳем кард".

"Спитамен Бонк" барои назорати интиқолҳои воридшаванда ба корти бонкӣ тавассути Низоми пардохтҳои фаврӣ истифодаи замимаи Spitamen Pay-ро ба муштариён тавсия медиҳад.

ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" ДАР КОНИБОДОМ МАРКАЗИ НАВ БОЗ КАРД

ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" дар шаҳри Конибодом Маркази нави хизматрасониашро ифтитоҳ намуд. Маркази нави хизматрасонӣ дар ҷои муносиб воқеъ гардида, бо таҷҳизоти муосир таъмин шудааст. Дар он мутахассисон ба муштариён хизматрасониҳои бонкӣ мерасонанд.

КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН

Таъкид мешавад, ки дар ин маркази нав доираи васеи хизматрасониҳо пешниҳод мешавад, аз ҷумла дар ин ҷо кушодани суратҳисобҳо, гирифтани қарзҳо, додани кортҳо ва амалиёти дигари бонкӣ имконпазиранд.

ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" бо муроҷиат ба сокинони ноҳия изҳор медорад, ки "Бонк мизоҷони худро қадр мекунад ва кӯшиш мекунад, ки ба онҳо шароити бароҳати хизматрасониро фароҳам оварад. ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" кушодани ин маркази навро қадами дигар дар самти фароҳамсозии дастрасии молиявӣ барои сокинон унвон намудааст.

Таҳияи А. Мӯминов



ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)			**ДОРОИҲО**	
НОМГЎИ БОНКҲО	**30.06.2022**	**30.06.2023**	**Тағйирот нисбати 30.06.2022**	
			номиналӣ	**нисбӣ**
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	5 028,4	6 583,6	1 555,1	30,9%
ҶСК "Ориёнбонк"	4 215,1	5 571,6	1 356,5	32,2%
ҶСК "Бонки Эсхата"	3 685,3	4 969,1	1 283,8	34,8%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	1 156,5	2 040,1	883,6	76,4%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 277,1	1 528,3	251,3	19,7%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	756,8	1 435,3	678,5	89,7%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	819,0	1 394,1	575,1	70,2%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	1 104,2	1 218,9	114,7	10,4%
ҶСК "Алиф Бонк"	834,8	1 202,4	367,5	44,0%
ҶСП Бонки "Арванд"	870,1	1 044,7	174,5	20,1%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	519,9	716,7	196,7	37,8%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	481,2	448,7	-32,5	-6,7%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	29,2	116,6	87,4	299,7%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	54,8	81,7	26,9	49,1%
ҶСК "Тавҳидбонк"	237,8	227,9	-10,0	-4,2%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)			**УҲДАДОРИҲО**	
НОМГЎИ БОНКҲО	**30.06.2022**	**30.06.2023**	**Тағйирот нисбати 30.06.2022**	
			номиналӣ	**нисбӣ**
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	4 421,6	5 800,3	1 378,8	31,2%
ҶСК "Ориёнбонк"	2 980,9	4 166,2	1 185,3	39,8%
ҶСК "Бонки Эсхата"	3 001,9	4 058,6	1 056,8	35,2%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	998,4	1 700,8	702,4	70,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 031,7	1 343,2	311,5	30,2%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	596,9	1 247,7	650,8	109,0%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	533,3	1 073,8	540,5	101,4%
ҶСК "Алиф Бонк"	676,8	1 032,5	355,7	52,6%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	925,7	1 008,5	82,9	9,0%
ҶСП Бонки "Арванд"	723,8	845,4	121,5	16,8%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	380,7	347,3	-33,5	-8,8%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	29,8	194,5	164,7	552,5%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	15,0	63,6	48,6	324,5%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	19,5	40,5	21,0	107,4%
ҶСК "Тавҳидбонк"	124,0	123,3	-0,7	-0,6%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)			**САРМОЯ**	
НОМГӮИ БОНКҲО	**30.06.2022**	**30.06.2023**	**Тағйирот нисбати 30.06.2022**	
			номиналӣ	**нисбӣ**
ҶСК "Ориёнбонк"	1 234,2	1 405,4	171,2	13,9%
ҶСК "Бонки Эсхата"	683,4	910,4	227,0	33,2%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	606,9	783,2	176,4	29,1%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	490,1	522,1	32,0	6,5%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	158,1	339,3	181,3	114,7%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	285,7	320,3	34,5	12,1%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	178,5	210,4	31,9	17,8%
ҶСП Бонки "Арванд"	146,3	199,3	53,0	36,2%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	159,8	187,6	27,7	17,4%
ҶСП "Спитамен Бонк"	245,4	185,1	-60,3	-24,6%
ҶСК "Алиф Бонк"	158,0	169,9	11,9	7,5%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	100,4	101,5	1,0	1,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	14,2	53,1	38,9	273,7%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	35,3	41,2	5,9	16,8%
ҶСК "Тавҳидбонк"	113,9	104,6	-9,3	-8,1%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)			**БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ**	
НОМГЎИ БОНКҲО	**30.06.2022**	**30.06.2023**	**Тағйирот нисбати 30.06.2022**	
			номиналӣ	**нисбӣ**
ҶСК "Ориёнбонк"	3 102,6	3 793,9	691,2	22,3%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 071,5	2 934,8	863,3	41,7%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	1 356,1	1 697,1	341,0	25,1%
ҶСП Бонки "Арванд"	663,4	864,2	200,9	30,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	570,8	812,5	241,7	42,4%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	495,3	642,0	146,7	29,6%
ҶСК "Алиф Бонк"	423,6	500,6	77,0	18,2%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	284,2	499,9	215,7	75,9%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	318,6	437,1	118,4	37,2%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	271,0	330,2	59,2	21,9%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	2,9	72,6	69,7	2382,3%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	20,4	22,3	1,9	9,4%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	10,9	17,3	6,3	58,1%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	5,8	11,8	6,0	104,0%
ҶСК "Тавҳидбонк"	48,1	107,3	59,3	123,3%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)			**БАҚИЯИ АМОНАТҲО**	
НОМГЎИ БОНКҲО	**30.06.2022**	**30.06.2023**	**Тағйирот нисбати 30.06.2022**	
			номиналӣ	**нисбӣ**
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	3 635,4	4 878,7	1 243,3	34,2%
ҶСК "Ориёнбонк"	1 330,5	2 500,6	1 170,1	87,9%
ҶСК "Бонки Эсхата"	1 903,3	2 468,8	565,6	29,7%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	717,0	1 348,1	631,2	88,0%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	818,5	892,5	74,0	9,0%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	403,5	807,3	403,8	100,1%
ҶСК "Алиф Бонк"	403,1	798,4	395,3	98,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	323,9	797,6	473,7	146,2%
ҶСП "Спитамен Бонк"	438,7	539,7	101,0	23,0%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	237,6	229,6	-8,0	-3,4%
ҶСП Бонки "Арванд"	162,3	198,7	36,4	22,5%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	21,3	131,2	109,8	514,5%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	7,5	18,0	10,5	139,0%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	17,5	17,0	-0,5	-2,7%
ҶСК "Тавҳидбонк"	50,3	94,3	44,1	87,8%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)			**ФОИДА/ЗАРАР**	
НОМГЎИ БОНКҲО	**30.06.2022**	**30.06.2023**	**Тағйирот нисбати 30.06.2022**	
			номиналӣ	**нисбӣ**
ҶСК "Ориёнбонк"	207,9	270,8	62,9	30,3%
ҶСК "Бонки Эсхата"	144,1	130,0	-14,1	-9,8%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	28,2	116,9	88,7	315,1%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	42,6	57,7	15,1	35,5%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	50,7	41,5	-9,1	-18,0%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	14,8	16,7	1,9	12,7%
ҶСП Бонки "Арванд"	24,8	15,2	-9,7	-38,9%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	87,3	14,2	-73,1	-83,8%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	16,8	13,6	-3,3	-19,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	93,4	7,8	-85,5	-91,5%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	1,0	3,3	2,3	231,6%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	-0,4	0,2	0,6	140,4%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	-0,8	-0,1	0,7	87,8%
ҶСК "Алиф Бонк"	42,0	-4,9	-46,9	-111,6%
ҶСК "Тавҳидбонк"	9,1	-0,2	-9,3	-101,8%



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			**◙ ДОРОИҲО**	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**II/2023**	**II/2022**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	318 128,6	248 970,6	69 158,0	27,8%
ҶДММ "ТС Бима"	134 051,2	53 916,7	80 134,5	2,5 мар.
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	119 580,4	106 889,1	12 691,3	11,9%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	63 232,6	47 595,8	15 636,8	32,9%
КВД "Тоҷиксуғурта"	60 310,7	53 951,2	6 359,5	11,8%
ҶДМ "ТС "Муин""	16 293,9	16 848,0	-554,1	-3,3%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	13 979,0	5 976,0	8 003,0	2,3 мар.
ҶДММ "ДС суғурта"	12 611,2	11 767,0	844,2	7,2%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	8 032,2	8 211,3	-179,2	-2,2%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	5 716,1	3 274,0	2 442,1	74,6%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	4 011,0	2 955,0	1 056,0	35,7%
ҶДММ "ТС Итминон"	3 566,1	2 689,9	876,2	32,6%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	2 145,8	2 164,2	-18,4	-0,9%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	2 095,4	1 575,5	519,9	33,0%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 025,0	2 055,0	-30,0	-1,5%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	1 048,4	1 767,3	-718,9	-40,7%
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	0,0	2 633,3	-2 633,3	-100,0%
ҶСП "ТС Кафил" **	0,0	2 047,0	-2 047,0	-100,0%
Ҳамагӣ	**766 827,5**	**575 286,9**	**191 540,6**	**33,3%**

Эзоҳ: *Вобаста ба дағалона вайрон намудани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта фаъолияти ҶДММ "ТС Меҳрубон" бо қарори Суди иқтисодӣ аз 27.12.2022, №1-194/22 қатъ гардид;
**ҶСП "ТС Кафил" бинобар сабаби ба итмом расидани амали иҷозатнома бо қарори Раёсати БМТ аз 21.10.2022, №122 қатъ карда шуд.



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ УҲДАДОРИҲО	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**II/2023**	**II/2022**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶДММ "ТС Бима"	114 819,0	40 574,5	74 244,5	2,8 мар.
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	99 686,6	87 516,8	12 169,8	13,9%
КВД "Тоҷиксуғурта"	50 960,5	45 735,7	5 224,8	11,4%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	28 891,1	20 599,4	8 291,7	40,3%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	13 398,1	8 107,7	5 290,4	65,3%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	11 829,2	3 062,2	8 767,0	3,9 мар.
ҶДММ "ТС "Муин"	2 974,1	4 776,9	-1 802,8	-37,7%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2 527,7	3 125,3	-597,6	-19,1%
ҶДММ "ДС суғурта"	2 002,5	1 575,0	427,5	27,1%
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	1 879,3	644,4	1 234,9	2,9 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	1 293,8	237,0	1 056,8	5,5 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	642,8	454,5	188,3	41,4%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	261,7	52,9	208,8	4,9 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	193,1	17,5	175,6	11,0 мар.
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	103,3	51,6	51,7	100,2%
ҶДММ "ТС Такаффул"	14,0	28,0	-14,0	-50,0%
ҶДММ "ТС Меҳрубон"	0,0	26,3	-26,3	-100,0%
ҶСП "ТС Кафил"	0,0	47,0	-47,0	-100,0%
Ҳамагӣ	**331 476,8**	**216 632,7**	**114 844,1**	**53,0%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			**САРМОЯ**	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**II/2023**	**II/2022**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	218 442,0	161 453,8	56 988,2	35,3%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	106 182,3	98 781,4	7 400,9	7,5%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	34 341,5	26 996,4	7 345,1	27,2%
ҶДММ "ТС Бима"	19 232,2	13 342,2	5 890,0	44,1%
ҶДММ "ТС "Муин"	13 319,8	12 071,1	1 248,7	10,3%
ҶДММ "ДС суғурта"	10 608,7	10 192,0	416,7	4,1%
КВД "Тоҷиксуғурта"	9 350,2	8 215,5	1 134,7	13,8%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	5 504,8	5 086,0	418,8	8,2%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	4 422,3	3 037,0	1 385,3	45,6%
ҶДММ "ТС Итминон"	2 923,3	2 235,4	687,9	30,8%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	2 149,8	2 913,8	-764,0	-26,2%
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	2 131,7	2 310,6	-178,9	-7,7%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 011,0	2 027,0	-16,0	-0,8%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1 992,1	1 523,9	468,3	30,7%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	1 884,1	2 111,3	-227,2	-10,8%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	855,3	1 749,8	-894,5	-51,1%
ҶДММ "ТС Меҳрубон"	0,0	2 607,0	-2 607,0	-100,0%
ҶСП "ТС Кафил"	0,0	2 000,0	-2 000,0	-100,0%
Ҳамагӣ	**435 351,0**	**358 654,2**	**76 696,9**	**21,4%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			ВОРИДОТИ МУКОФОТ	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**II/2023**	**II/2022**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶДММ "ТС Бима"	64 736,4	65 699,7	-963,3	-1,5%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	46 386,3	35 303,2	11 083,1	31,4%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	28 604,4	21 209,4	7 395,0	34,9%
КВД "Тоҷиксуғурта"	21 245,2	22 212,3	-967,1	-4,4%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	11 645,7	7 006,5	4 639,1	66,2%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	11 025,5	4 411,5	6 614,0	2,5 мар.
ҶДММ "ДС суғурта"	5 851,3	2 186,4	3 664,9	2,7 мар.
ҶДММ "ТС "Муин""	1 929,4	2 870,3	-940,9	-32,8%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	1 639,0	296,4	1 342,6	5,5 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	722,1	715,3	6,8	1,0%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	208,4	48,0	160,5	4,3 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	115,7	94,6	21,1	22,3%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	110,2	143,5	-33,3	-23,2%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	44,2	100,0	-55,8	-55,8%
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	0,0	0,0	0,0%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	150,0	-150,0	-100,0%
ҶДММ "ТС Меҳрубон"	0,0	3 906,6	-3 906,6	-100,0%
ҶСП "ТС Кафил"	0,0	0,0	0,0	0,0%
Ҳамагӣ	**194 263,7**	**166 353,7**	**27 910,0**	**16,8%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			ПАРДОХТ	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**II/2023**	**II/2022**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶДММ "ТС Бима"	4 749,7	4 822,6	-72,9	-1,5%
КВД "Тоҷиксуғурта"	1 665,6	3 097,2	-1 431,6	-46,2%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	1 085,3	963,3	122,0	12,7%
ҶДММ "ДС суғурта"	752,0	592,0	160,0	27,0%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	488,0	70,5	417,5	6,9 мар.
ҶДММ "ТС "Муин""	245,0	225,4	19,6	8,7%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	222,5	73,6	149,0	3,0 мар.
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	172,1	112,2	59,9	53,4%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	114,3	19,6	94,7	5,8 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	92,5	12,7	79,8	7,3 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	64,3	70,2	-5,9	-8,4%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	49,4	0,0	49,4	100,0%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	36,9	16,5	20,4	2,2 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	33,9	0,0	33,9	100,0%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1,7	8,6	-6,9	-80,2%
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	0,0	0,0	0,0%
ҶДММ "ТС Меҳрубон"	0,0	0,0	0,0	0,0%
ҶСП "ТС Кафил"	0,0	0,0	0,0	0,0%
Ҳамагӣ	**9 773,2**	**10 084,4**	**-311,1**	**-3,1%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ ШАРТНОМАҲО	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**II/2023**	**II/2022**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	468 258	393 224	75 034	19,1%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	277 612	230 709	46 903	20,3%
КВД "Тоҷиксуғурта"	250 808	263 252	-12 444	-4,7%
ҶДММ "ТС Бима"	13 538	6 296	7 242	2,2 мар.
ҶДМ "ТС "Муин""	11 756	6 463	5 293	81,9%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	8 565	6 353	2 212	34,8%
ҶДММ "ДС суғурта"	1 104	3 113	-2 009	-64,5%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	95	63	32	50,8%
ҶДММ "ТС Итминон"	87	81	6	7,4%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	35	69	-34	-49,3%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	17	10	7	70,0%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	340	774	-434	-56,1%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	6	11	-5	-45,5%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2	0	2	100,0%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0	1	-1	-100,0%
ҶДММ "ТС Такаффул"	0	0	0	0,0%
ҶДММ "ТС Меҳрубон"	0	2	-2	-100,0%
ҶСП "ТС Кафил"	0	0	0	0,0%
Ҳамагӣ	**1 032 223**	**910 421**	**121 802**	**13,4%**

СУРУДИ ИСТИҚЛОЛ



Ҳасани СУЛТОН

Ба бахти миллати соҳибфазилат,
Ба поси ҳар вақаб хоки биҳиштӣ
Ту гӯйӣ, ин замон аз умқи таърих,
Ба гӯш ояд суруди зардуҳиштӣ:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Расад аз осмон борони раҳмат,
Ғубори яъсу навмедӣ бишӯяд.
Фалак болад ба бахти мо дигар бор,
Малак моро муборакбод гӯяд:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Ҳумои бахту пирӯзию давлат,
Шавад дар осмони мо парафшон.
Паёми мардуми озода орад
- Паёми Оли Сосон, Оли Сомон:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Суруди дилраси “Оҳуи кӯҳӣ...”
Ба дашти дил танинандоз гардад.
Забони модарии ноби моро,
Қавонии дигар оғоз гардад:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Намонад роҳу расми нотифоқӣ,
Напояд ихтилофи куҳнаву нав.
Бихонад, дар ҳавои хусравонӣ,
Ту гӯйӣ, Борбад дар базми Хусрав:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Ба базми миллати деринафарҳанг,
Ба юмни толиъу иқболи масъуд,
Бихонад дар гулободи Душанбе
Равони Рӯдакӣ бо чангу бо руд:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Бинозад, аз шукӯҳи мо, бинозад,
Равони Ҳофизу Саъдӣ дигар бор.
Канори Оби Рукнободи фирдавс,
Бихонад бо ҳамон лаҳни шакарбор:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»

Зи файзи субҳи Истиқлоли давлат,
Пазирад нотамомиҳо, тамомӣ.
Биболад дар баҳористони миллат,
Зи шодӣ руҳи минуии Ҷомӣ:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Шавад аз ворисони хеш хушнуд
Равони Айнии соҳибдили мо,
Биболад руҳи ӯ аз ин саодат,
Бихонад бо фараҳ дар маҳфили мо:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Ғафуров шаҳкитоби “Тоҷикон”-ро,
Ба расми армуғон манзур созад.
Нидо аз боғҳои сабзи мину
Нидо аз дурҳои дур созад:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Дили пуршӯри Турсунзодаи мо,
Ба шӯр ояд, зи нав бар ҷӯш ояд.
Ҳамовои садои дилнишинаш,
Садои Осиё бар гӯш ояд:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Зиё бахшад, сафо бахшад ба дилҳо,
Фурӯғи Офтоби бахту давлат.
Бимонад то абад вирди забонҳо,
Паёми Пешвои халқу миллат:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Ҳумоюн толиъу иқболи тоҷик!»
Сафо резад сафо аз нури Норак,
Зиё пошад ба дунё нури Роғун.
Пас аз садсолаҳо хомӯш будан
Ба гӯш ояд садои оби Ҷайҳун:
«Муборак қашни Истиқлоли тоҷик!
Фурӯғи давлати иқболи тоҷик!»



ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДИРО ИНТИХОБ НАМО!

